ОМӮЗГОРИ СОҲИБЭЪТИБОР ВА МАРДИ МАЙДОНИ КОР сах. 9

НАШРИЯИ «ОМӮЗГОРИ ҶАВОН» – САҲИФАИ ЗАРРИН ДАР ТАЪРИХИ МАТБУОТИ ДОНИШГОҲ сах. 10

НАҚШИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ сах. 14

ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМӮЗ!

Оғози нашр 1 сентябри соли 1957

№01 (1091) 31 ЯНВАРИ СОЛИ 2026

# ОМӮЗГОРИ ҷавон

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

# НИШАСТИ МАТБУОТӢ:
## ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР СОЛИ 2025

**Рӯзи 26 январи соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ нишасти матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти донишгоҳ дар соли 2025 баргузор гардид.**

Дар нишаст ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода натиҷаҳои асосии фаъолияти илмӣ, таълимӣ, байналмилалии донишгоҳро ба намояндагони воситаҳои ахбори омма муаррифӣ намуд.

Қайд гардид, ки соли 2025 барои донишгоҳ соли дастовардҳо ва комёбиҳои назаррас ба ҳисоб меравад.

Муҳимтарин дастоварди донишгоҳ ворид шудан ба даҳгонаи беҳтарин муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Тибқи раддабандии байналмилалии HEQAC (Higher Education Ranking) ДДОТ ба номи С. Айнӣ миёни 422 муассисаи олии 55 кишвари ҷаҳон бо гирифтани 8136 хол ҷойи 8-умро ишғол намуд.

Дар самти таълим афзоиши гурӯҳҳои таҳсили бо забони русӣ мушоҳида гардида, шумораи онҳо ба 53 гурӯҳ расид, ки



нисбат ба соли гузашта 22 гурӯҳ зиёд мебошад.

Дар самти илм 33 нафар рисолаҳои илмии худро ҳимоя намуданд (3 докторӣ, 19 номзадӣ ва 11 PhD), ки нисбат ба соли қаблӣ 12 нафар зиёд аст. Ҳамзамон, муҳаққиқони донишгоҳ 60 монография, 156 дастури таълимӣ-методӣ ва 53 китоби дарсӣ нашр намуданд.

Донишгоҳ дар раддабандии Пойгоҳи илмии Шохиси иқтибосоварии илмии Русия (РИНЦ – Elibrary.ru) низ мавқеи баланд касб карда, бо нашри 6597 мақолаи илмӣ миёни 69 муассисаи кишвар зинаи дуюмро ишғол намуд. Теъдоди мақолаҳо дар Web of Science ва Scopus низ рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Ғолибияти донишҷӯён дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба 45 ҷой расид, ки нисбат ба соли гузашта 28 ҷой бештар мебошад.

Хонандагони Литсейи назди донишгоҳ низ бо ба даст овардани 40 ҷойи намоён фаъолона ширкат варзиданд.

Дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ 4 шартномаи нави ҳамкорӣ ба имзо расид, 36 донишҷӯ ва 52 омӯзгор ба донишгоҳҳои хориҷӣ сафарбар гардиданд. Инчунин дар донишгоҳ Маркази чинӣ ва Маркази кореягӣ ифтитоҳ ёфтанд.

Аз лиҳози иҷтимоӣ, 75 донишҷӯдухтар бо стипендияи лоиҳавӣ, 23 ятим ва 51 нафар маъюб бо стипендия ва хобгоҳ таъминанд. Шумораи гирандагони стипендияи Президентӣ ва стипендияи аъло низ афзоиш ёфтааст.

Дар фарҷом таъкид шуд, ки дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат, маоши омӯзгорон аз ҳисоби маблағҳои махсуси донишгоҳ 10 фоиз зиёд карда шудааст.

Сипас намояндагони воситаҳои ахбори омма вобаста ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти донишгоҳ саволҳо пешниҳод намуданд, ки ба ҳамаи онҳо аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ ҷавобҳои муфассал ва қонеъкунанда дода шуданд.

Нишасти матбуотӣ бозгӯи он аст, ки ДДОТ ба номи С. Айнӣ бо истифодаи имкониятҳои мавҷуда пайваста ба сӯи рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот қадам мегузорад.

### ҲАМКОРӢ
**ВОХӮРИИ НАВБАТӢ ҶИҲАТИ ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲО БО МУАССИСАҲОИ ЧИН**



2

### ҶАЛАСАИ КОРӢ
**БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪЛИМ ВА ИЛМ ДАР ДОНИШГОҲ**



2

### МАВҚЕЪ
**ИШТИРОКИ ДОНИШГОҲ ДАР 2 РАДДАБАНДИИ ҶАҲОНӢ**

QS WORLD UNIVERSITY RANKINGS

3

Эҳтиром ба омӯзгор – эҳтиром ба ояндаи миллат аст. Эмомалӣ Раҳмон
№01 (1091)
31 январи соли 2026

ҲАМКОРӢ

# ВОХӮРИИ НАВБАТӢ ҶИҲАТИ ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲО БО МУАССИСАҲОИ ЧИН



***Рӯзи 14.01.2026 ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон Аҳлиддин Ибодуллозода роҳбарияти Донишкадаи касбӣ-техникии саноати дифои вилояти Шансии Ҷумҳурии Мардумии Чинро ба ҳузур пазируфт.***

Зимни мулоқот ҷонибҳо доираи васеи масъалаҳои вобаста ба густариши ҳамкориҳои дуҷонибаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Аз ҷумла, ташкили барномаҳои муштараки таҳсил, табодули донишҷӯён ва омӯзгорон, баргузор намудани конференсияҳои илмии муштарак, даъвати профессорону мутахассисон барои хондани маърӯзаҳо, инчунин мубодилаи таҷрибаи илмӣ-техникӣ аз самтҳои муҳими музокирот ба шумор мерафтанд.

Роҳбарияти Донишкадаи касбӣ-техникии саноати дифои Шансӣ омодагии худро ҷиҳати таҳким бахшидани робитаҳои стратегӣ бо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иброз дошта, таъкид намуданд, ки рушди ҳамкориҳои илмӣ ва инноватсионӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавонад ба таъмини рушди устувори соҳаи маориф, такмили сифати таҳсилот ва баланд бардоштани рақобатпазирии мутахассисони ҷавон дар бозори байналмилалии меҳнат мусоидат намояд.

Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳоро дар асоси манфиатҳои муштарак идома дода, барои татбиқи амалии ташаббусҳои пешниҳодшуда тадбирҳои мушаххас андешанд.

**Рӯзи 21.01.2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти раёсати ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода ҷаласаи корӣ баргузор гардид.**



# БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪЛИМ ВА ИЛМ ДАР ДОНИШГОҲ

Дар кори ҷаласа муовинони ректор, деканҳои факултетҳо ва муовинони онҳо, мудирони кафедраҳо, сардорони раёсату шуъбаҳо ва дигар сохторҳои донишгоҳ иштирок намуданд.

Зимни ҷаласа масъалаҳои марбут ба раванди таълим, фаъолияти илмӣ, корҳои тарбиявӣ ва густариши робитаҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Аз ҷумла, ба беҳтар намудани сифати дарсҳо, навиштани китобҳои дарсӣ, самаранок истифода намудани озмоишгоҳҳо, омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон, тайёр намудани магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD), иштироки фаъоли донишҷӯён ва омӯзгорон дар озмунҳо, афзоиши мақолаҳои илмӣ дар пойгоҳҳои байналмилалии SCOPUS ва Web of Science, ҳимояи рисолаҳои илмӣ, таҳияи лоиҳаҳои илмӣ ва ҷоннок намудани фаъолияти кафедраҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода зимни суханронии худ иброз дошт, ки баланд бардоштани сифати таълим ва рушди фаъолияти илмӣ самти афзалиятноки фаъолияти донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина ҳар як сохтор бояд бо масъулияти баланд ба иҷрои вазифаҳои худ муносибат намояд ва барои омода намудани кадрҳои рақобатпазир саҳми муассир гузорад.

Дар фарҷом масъулин ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои додашуда ва таъмини фаъолияти босамари сохторҳои донишгоҳ муваззаф гардонида шуданд.

ТАБОДУЛИ АКАДЕМӢ

# САФАРБАРШАВИИ 15 НАФАР ДОНИШҶӮ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ХОРИҶӢ

**Дар доираи татбиқи сиёсати байналмилалии таҳсилот ва густариши ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ 15 нафар донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тибқи барномаи табодули академӣ барои идомаи таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ сафарбар гардиданд. Ин иқдом бар асоси натиҷаҳои Форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва созишномаҳои амалкунандаи байнидонишгоҳӣ роҳандозӣ шудааст.**



Дар нимсолаи дуюми соли таҳсили 2025–2026 сафарбаркунии донишҷӯён ба кишварҳо ва муассисаҳои зерин амалӣ гардида истодааст:

• Ҷумҳурии Қазоқистон – 5 нафар донишҷӯ ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Павлодар ба номи Е. Марғулан;

• Ҷумҳурии Беларус – 8 нафар донишҷӯ, аз ҷумла

• 3 нафар ба Донишгоҳи давлатии Брест ба номи А. С. Пушкин;

• 5 нафар ба Донишгоҳи давлатии Полес;

Пеш аз сафар, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода бо донишҷӯён вохӯрӣ баргузор намуда, зимни он масъалаҳои муҳими марбут ба шароити таҳсил дар хориҷи кишвар, риояи қатъии қоидаҳои будубош, интизом ва тартибот, нишон додани одоби намунавӣ ва масъулияти баланди академӣ, талош барои ба даст овардани натиҷаҳои баланди таълимӣ, ҳамчунин зарурати муаррифии шоистаи фарҳанг, арзишҳо ва суннатҳои миллӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтанд ва ба донишҷӯён таъкидҳои мушаххас карда шуданд.

Ин ташаббусҳо дар доираи сиёсати маорифпарварона ва ҳидоятҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, табодули академӣ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти байналмилалии Донишгоҳ арзёбӣ мешавад.

Бояд зикр намуд, ки аз моҳи феврали соли 2026 раванди сафарбаркунии донишҷӯён ба кишварҳои гуногун, аз ҷумла Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Узбекистон, ба таври пайваста ба роҳ монда мешаванд.

ҶАЛАСАИ КОРӢ

# БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ ДАР ДОНИШГОҲ

***Дар донишгоҳ бо иштироки муовинони ректор, деканҳо, мудирони кафедраҳо, масъулони бахшҳои илмӣ ва омӯзгорон ҷаласаи корӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои муҳими фаъолияти илмию тадқиқотӣ, такмили ҳайати кадрӣ ва рушди иқтидори илмии донишгоҳ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.***



Зимни ҷаласа таъкид гардид, ки ҷалби омӯзгорон ва донишҷӯён ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, аз ҷумла таҳияи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, масъалаи омода намудани кадрҳои илмӣ, баланд бардоштани сифати корҳои диссертатсионӣ ва риояи талаботи муқарраршудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ баррасӣ шуд.



Иттилоъ дода шуд, ки айни замон дар донишгоҳ шумораи муайяни омӯзгорон ба ҳайси унвонҷӯ, докторанти PhD ва муҳаққиқ фаъолият намуда, қисми зиёди онҳо дар марҳилаҳои гуногуни таҳияи рисолаҳои илмӣ қарор доранд. Ҳамчунин ба масъалаи омодасозии нақшаҳои инфиродии корҳои илмӣ, баргузории семинарҳо, машваратҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Дар ҷараёни ҷаласа масъалаи тақвияти фаъолияти кафедраҳо, ҷалби омӯзгорони ҷавон ба таҳқиқоти илмӣ, омодасозии мақолаҳо барои нашр дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва баланд бардоштани сатҳи методии омӯзгорон мавриди муҳокима қарор гирифт.

# ҚАДАМИ НАВ ДАР ЭЪТИРОФИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: ИШТИРОКИ ДОНИШГОҲ ДАР 2 РАДДАБАНДИИ ҶАҲОНӢ

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар марҳилаи кунунӣ ҷиҳати иштирок дар 2 раддабандии бонуфузи ҷаҳонӣ: "QS (Quacquarelli Symonds)" ва "The Times Higher Education World University Rankings" корҳои омодагӣ ва ҳуҷҷатгузориро ба таври муназзам ба роҳ мондааст.**

Бо такя ба нишондиҳандаҳои мавҷудаи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, сатҳи сифати таълим, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи муваффақи иштирок дар раддабандиҳои байналмилалӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қобилият ва иқтидори воқеӣ дорад, ки дар доираи натиҷагирии минтақавии ин раддабандиҳои ҷаҳонӣ мавқеи намоён ва рақобатпазирро ишғол намояд.

Натиҷаҳои ин фаъолияти пурсамар далели равшани рушди устувор ва эътирофи байналмилалии донишгоҳ ба шумор меравад. Маъмурияти раддабандиҳои мазкур бо дарназардошти дастовардҳои назарраси донишгоҳ дар самтҳои илм, маориф, навоварӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ раванди ҳамкорӣ ва корҳои марбут ба ҳуҷҷатгузориро ҷоннок намудаанд.

Аз ҷумла, аз дастовардҳои муҳими донишгоҳ бояд ёдовар шуд, ки Муассисаи "London School of Digital Business" ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ-ро барои саҳми арзанда дар рушди илм ва маориф, фидокорӣ, меҳнатдӯстӣ, суботкорӣ ва эътирофи дастовардҳо ба "Ҷоизаи беҳтарин донишгоҳи навовар ва пешрафтаи соли 2023" (LREA 2023) сазовор донист. Ин эътироф, аз ҷумла, ба роҳ мондани таҷрибаи пешқадами рақамикунонии раванди таълим вобаста аст: донишгоҳ аввалин шуда дар миёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дарсҳои видеоии илмиро ҷорӣ намуда, дастрасии васеъ ба маводи таълимиро на танҳо барои донишҷӯёну олимон, балки барои ҳамаи хоҳишмандон таъмин кард. Айни ҳол зиёда аз 5000 дарси видеоии илмӣ бо чанд забони хориҷӣ ва миллӣ, ки беш аз 89 ихтисосҳои таълимиро фаро мегиранд, пешниҳоди омма гардидаанд. Ин таҷриба аз ҷониби як қатор кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ӯзбекистон, Беларус, Ҳиндустон, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Британияи Кабир, баҳои баланд гирифтааст.

Ҳамзамон, соли 2024 бори нахуст 89 ихтисоси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои муҳлати панҷ сол аз аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ (Institutional accreditation) гузаштанд. Ин аккредитатсия аз ҷониби Ассотсиатсияи таҳсилоти олии Чини Созмони Ҳамкории Шанхай ва Маркази хизматрасонии Чин оид ба табодули байналмилалии илмии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин амалӣ гардидааст.

Дар натиҷаи ҳамин фаъолияти илмӣ-таълимии самарабахш, солҳои 2023–2025 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар раддабандии муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин таҳия гардидааст, ҷойи аввалро ишғол намуд. Ин натиҷа расман дар сомонаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамчун рӯйхати муассисаҳои таҳсилоти олии тавсияшуда барои шаҳрвандони он кишвар эълон гардида буд.

Муҳимтар аз ҳама, Муассисаи "HE Higher Education Ranking"-и Шурои сифат ва арзёбии таҳсилоти олӣ "HEQAC" пас аз санҷиш ва таҳлили самтҳои гуногуни фаъолияти 422 муассисаи олии 55 кишвари ҷаҳон «Раддабандии муассисаҳои олӣ»-ро барои соли 2025 интишор намуд.

Дар ин раддабандӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон се муассисаи олии кишвар мавқеъ гирифтанд: Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров дар зинаи 184 ва Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар зинаи 329 қарор гирифтанд.

Хушбахтона, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ба даст овардани 8136 хол дар миёни муассисаҳои олии ҷаҳон сазовори ҷойи 8-ум гардида, бо ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи аввалро ишғол намуд.

Дар таърихи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бори нахуст аст, ки яке аз донишгоҳҳо соҳиби чунин холи баланд гардида, ба даҳгонаи беҳтарин муассисаҳои олии ҷаҳон дар раддабандии байналмилалӣ ворид мегардад. Ин дастоварди таърихӣ бозгӯи сатҳи баланди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ ва нуфузи байналмилалии донишгоҳ мебошад.

ҶАЛАСА

# АТТЕСТАТСИЯИ УНВОНҶӮЁН ВА ДОКТОРАНТОН (PHD) ДАР ДОНИШГОҲ



***Рӯзи 13 январи соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тибқи нақшаи бахши омоданамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ аттестатсияи унвонҷӯён ва докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) баргузор гардид.***

Дар кори аттестатсия муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром, ҳамчунин намояндагони қисми илмии Донишгоҳ иштирок намуданд.

Зимни аттестатсия раванди иҷрои саривақтии корҳои илмӣ-таҳқиқотии унвонҷӯён ва докторантон мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифта, сатҳи пешрафт ва мувофиқати фаъолияти илмии онҳо ба талаботи муқарраргардида таҳлил карда шуд. Дар асоси натиҷаҳои муҳокима, вобаста ба иҷрои рисолаҳои илмӣ ба унвонҷӯён ва докторантон муҳлатҳои мушаххас ва дастуру тавсияҳои зарурӣ пешниҳод гардид.

Таъкид шуд, ки риояи интизоми илмӣ, иҷрои саривақтии тадқиқот ва истифодаи натиҷаҳои илмӣ аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сифати тайёр намудани кадрҳои илмӣ ба шумор меравад.

# БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ

## ДОНИШГОҲ ДАР ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ ИЛМӢ–МЕТОДӢ

**Ҷаласаи навбатии Шурои илмӣ-методии донишгоҳ, ки 30.01.2026 таҳтироҳбарии муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода С.И. доир шуд, чор масъала мавриди баррасӣ қарор дод. Сараввал оид ба «Баррасии раванди таълифи рисолаҳои илмӣ” (унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисоси PhD) муълумотномаи роҳбари гурӯҳи корӣ, мудири шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ Ахиева Саодат шунида шуд. Номбурда иброз дошт, ки дар 63 кафедра ва 14 факултет 280 унвонҷӯ ба таълифи рисолаҳои илмӣ машғуланд, ки тақрибан 18-20%-и онҳо корҳои илмии худро ба охир расонидаанд. Корҳои қисми дигари унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисоси PhD дар марҳилаи анҷомёбист. Роҳбари гурӯҳи корӣ мушкилоту камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро бо мисолҳои мушаххас зикр намуда таъкид дошт, ки мутасаддиёни кафедраву факултетҳо ва роҳбарони илмӣ бояд дар ин маврид масъулияти дучанд эҳсос намоянд.**



Аз рӯи масъалаи дуюм “Вазъи омодагии донишҷӯён ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ” сармутахассиси Раёсати илм ва инноватсия Ҳомидов Бобоҷон маълумот дод. Бино ба таъкиди номбурда дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳ даври аввали олимпиадаи фаннӣ аз рӯйи 15 фанни таълимӣ аз 29.10.2025 то 31.10.2025 ташкил ва баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 300 нафар донишҷӯён иштирок намуда, аз ҷониби комиссияи олимпии даври донишгоҳӣ 15 нафар донишҷӯён аз 98 то 100 холро ба даст оварда, барои иштирок дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаи фаннӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсиоли олии касбӣ роҳхат гирифтанд. Мутобиқи ҳисоботи номбурда кор дар ин самт қаноатбахш буда, пайваста аз ҷониби раёсати илм ва инноватсия пайгирӣ мешавад.

Дар ҳисоботи мудири кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ, номзади илмҳои химия, дотсент Ҷумаев Маъруфҷон “Санҷиши вазъи корҳои таълимию методӣ, илмӣ ва сифати тайёр кардани мутахассисон дар кафедраҳои умумидонишгоҳӣ” ба таври муфассал баррасӣ гардид. Набудани китобҳои дарсӣ ва нақшаҳои корҳои илмӣ- тадқиқотии панҷсола, инчунин чоп нагардидани мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии байналмилалӣ аз камбудиҳои ҷиддии кафедраҳои умумдонишгоҳӣ- педагогика, фалсафа ва фарҳанг, сиёсатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ шуморида шуд. Ҳарчанд лоиҳаҳои илмӣ- фармоишии кафедраҳои мазкур омода гардидаанд, аммо то ҳол барои маблағгузорӣ тавсия нагардидаанд, - иброз дошт роҳбари гурӯҳи тафтишотӣ. Номбурда пешниҳод намуд, ки барои пешрафти кор дар кафедраҳои умумидонишгоҳӣ масъулонро зарур аст, ки тадбирҳои босамар андешида дар муддати кӯтоҳ камбудиҳоро ислоҳ намуда, илова бар ин, баргузории конфронесҳоро ба таври ҳадафманд ба роҳ монанд.

Вобаста ба масъалаи чоруми ҷаласа раиси Шурои илмӣ-методӣ, профессор Раҷабзода С.И. 47 адад китоб, дастур, воситаи таълим, комплекси таълимиву методӣ ва монографияро барои тасдиқ пешниҳод намуд. Ҳайати Шурои илмӣ- методӣ дар бораи баъзе маводи ба нашр тавсияшаванда ибрози назар намуда, камбудиҳои ҷиддии онҳоро ба таври ошкоро баён намуданд. Таъкид шуд, ки номи баъзе маводи пешниҳодгардида ба муҳтавои он мутобиқат надорад, дар баъзеи онҳо такрори мавзуъҳо мушоҳида мешавад, ҷой надоштани тақсимбандии мавзуъҳо дар китобҳои самти методикаи таълим ба мушоҳида мерасад. Ҳайати Шурои илмӣ-методӣ тасмим гирифт, ки маводи пешниҳодгардида бо назардошти ислоҳи камбудиҳо баъдан ба чоп тавсия гардад. Ин тадбир бобати боло бурдани мазмун ва сифати китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар мавриди масъалаҳои ҷорӣ мактуби муассисаи давлатии “Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб” баррасӣ шуд. Мутобиқи мактуби мазкур матбаа ва муаллифони китобу дастурҳои таълимӣ вазифадор мегарданд, ки се нусхаи чопии маводро ба таври ҳатмӣ ба “Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб” дастрас намоянд.

Ҳамзамон ба ҷоннок намудани фаъолияти лоиҳаҳои илмӣ- фармоишӣ, корҳои илмӣ ва илмӣ- тадқиқотӣ дар асоси Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030, аз ҷумла амнияти ядроӣ, химиявӣ ва биологӣ, истифодаи кайҳон ва энергияи атом бо мақсадҳои осоишта, инноватсия, нанотехнология, ақли сунъӣ, роботсозӣ ва дастгоҳҳои парвозкунандаи бесарнишин;

- саноатикунонии босуръат, таҷдиди васеъ ва босуръати иқтисодиёт бо мақсади гузариш аз ҷомеаи аграрӣ ба ҷомеаи саноатӣ;
- гуногунии биологӣ, биотехнология, тағйирёбии иқлим, пиряхшиносӣ, коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ, аз ҷумла сейсмикӣ;
- тиб, дорушиносӣ, дорусозӣ, таҷҳизот ва технологияҳои тиббии ташхису табобат;
- масъалаҳои сулҳу ваҳдат, манфиатҳои ҳаётан муҳими миллӣ, таърихи халқи тоҷик, ҳуқуқ, забон, адабиёт, фарҳанг, сиёсати хориҷӣ, таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ: кибертерроризм, киберҷиноятҳо, аз байн бурдани хурофот, ифротгароии динӣ ва терроризм;
- маориф ва фарҳанги миллӣ, ташаккули низоми миллии самараноки тайёр кардани кадрҳои ба рушди нерӯи инсонӣ, ҷомеа, давлат ва иқтисодиёт мусоидаткунанда ва дар сатҳи ҷаҳонӣ рақобатпазир  таваҷҷуҳи асосӣ дода шуд.

Зикр гардид, ки масъалаҳои болозикр бояд дар меҳвари тамоми корҳои илмӣ ва илмиву тадқиқотӣ қарор бигиранд. Мусоидат ба ҳимояи рисолаҳои докторнантҳо ва унвонҷӯён, пешгирии асардуздӣ (плогиат) ва баланд бардоштани иммиҷи илмии донишгоҳ аз масъалаҳое буданд, ки мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифтанд.

Аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлор қабул гардид.

ҶАЛАСА

# БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ҚИСМИ ИЛМИ ДОНИШГОҲ



**Ҷаласаи навбатии қисми илми донишгоҳ, ки 23.01.2026 таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода С.И. доир шуд, ду масъаларо мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дод.**

Роҷеъ ба "Таҳлили вазъи таҳия, тасдиқ ва пешниҳоди мавзуъҳои илмӣ- фармоишии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба Шурои ҳамоҳангсозии АМИТ» директори Маркази табъу нашр, тарҷума ва баргардон профессор С. Хоҷазод гузориш дод. Номбурда иброз дошт, ки мутобиқи дастури ректори Донишгоҳ бояд ҳамаи кафедраҳои факултетҳо вобаста ба самти ихтисос лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотии худро таҳия намуда, ба Шурои ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Дар соли 2025 ба Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 39 лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии ДДОТ ба номи С.Айнӣ пешниҳод гардид. Шурои ҳамоҳангсозии КИТ АМИТ аз лоиҳаҳои пешниҳодгардида 12 лоиҳаро, ки аз ташхиси экспертӣ гузаштанд, барои маблағгузорӣ дар соли 2026 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод намуд. Аз ин миқдор 11 лоиҳа барои маблағгузорӣ ба Вазорати молия пешниҳод гардид.

Ҳамзамон гуфта шуд, ки 11 кафедра лоиҳаи муштарак доранд ва айни ҳол дар Донишгоҳ панҷ лоиҳа мавриди амал қарор дорад. Ҳисоботи солонаи лоиҳаҳои амалкунанда саривақт ба Шурои ҳамоҳангсозии АМИТ супорида шуд. Таъкид шуд, ки ҷалби донишҷӯён, докторантон ва магистрантон ба корҳои илмӣ-фармоишӣ бояд вусъат дода шаванд.

Дар хусуси "Пайгирӣ намудани ҳолати омодагии донишҷӯён ба озмунҳои тахассусии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ" сармутахассиси раёсати илм ва инноватсия Бобоҷон Ҳомидов гузориш дод. Бино ба таъкиди номбурда дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳ даври аввали олимпиадаи фаннӣ аз рӯйи 15 фанни таълимӣ аз 29.10.2025 то 31.10.2025 ташкил ва баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 300 нафар донишҷӯён иштирок намуда, аз ҷониби комиссияи олимпии даври донишгоҳӣ 15 нафар донишҷӯён аз 98 то 100 холро ба даст оварда, барои иштирок дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаи фаннӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсиоли олии касбӣ роҳхат гирифтанд.

Инчунин дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иштироки донишҷӯён дар Фестивали байналмилалии "100 нававарони ояндаи Созмони Ҳамкориии Шанхай", ки рӯзҳои 22-24 апрели соли 2026 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор мегардад, дар мувофиқа бо шуъбаи робитаҳои байналмилалии Донишгоҳ номзадии се нафар донишҷӯ ҷиҳати иштирок ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

Дар озмуни Ҷоизаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзибойева Гулиҷон - донишҷӯи соли аввали факултети физика аз рӯи соҳаи "Технология ва навоварӣ" сазовори ҷойи аввал гардида, соҳиби Ҷоизаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шуд.

Дар умум бояд қайд намуд, ки омодагӣ дар самти озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар Донишгоҳ хуб ба роҳ монда шуда, аз ҷониби Раёсати илм ва инноватсия пайгирӣ мешаванд.

Дар ҷаласа масоили дигари марбут ба фаъолияти қисми илм, бавижа омодагӣ ба "Ҳафтаи илм", ҷоннок намудани фаъолияти пойгоҳи илмӣ, танзими сафарҳои хориҷии кормандон ва устодон, ба нақша гирифтани конфронсҳои донишгоҳӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлор қабул гардид.

# СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ ҶИҲАТИ ТАРЗИ БАҚАЙДГИРӢ ВА ИСТИФОДАИ ПОЙГОҲҲОИ ИЛМӢ

***Тибқи дастури ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва салоҳияти касбии омӯзгорон, унвонҷӯён, докторантон ва магистрони муассиса дар самти истифодаи захираҳои электронии илмӣ семинари омӯзишӣ оид ба тарзи бақайдгирӣ ва истифодаи Пойгоҳи миллии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://xn--fazonagon-w1h.tj/tg) ва Пойгоҳи илмии Шохиси иқтибосоварии илмии Русия (РИНЦ – https://www.elibrary.ru) доир гардид.***



Семинари омӯзишӣ аз ҷониби котиби масъули маҷаллаи илмии «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» Холов Сафобахш сурат гирифта, он барои беҳтар намудани идоракунии фаъолияти илмӣ, истифодаи самараноки пойгоҳҳои илмию иттилоотӣ ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳои илмии муассиса мусоидат хоҳад кард. Семинари мазкур тибқи ҷадвали тасдиқнамудаи қисми илми Донишгоҳ давра ба давра дар байни факултет ва кафедраҳои Донишгоҳ гузаронида мешавад.

# БОЗДИДИ МЕҲМОНОН АЗ ОСОРХОНАИ ДОНИШГОҲ



***Рӯзи 28.01.2026 дар доираи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Адабиёти ҷаҳон ва методикаи таълими забони русӣ дар ҷаҳони муосири технологияҳои инноватсионӣ» намояндагони муассисаҳои илмӣ ва таълимии Шветсия, Ӯзбекистон ва Қирғизистон аз осорхонаи Донишгоҳ дидан намуданд.***

Зимни сайри осорхонавӣ ба меҳмонон оид ба таъриху фарҳанги миллати тоҷик, табиати Тоҷикистон, инчунин марҳилаҳои рушд ва дастовардҳои Донишгоҳ аз рӯзҳои таъсисёбӣ то имрӯз маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Ба ин восита, меҳмонон бо нигораҳо, ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва дастовардҳои илмию таълимии муассиса аз наздик шинос шуданд.

Омӯзгор оинаи дониш ва раҳнамои ҳаёт аст.
Абуалӣ ибни Сино
№01 (1091)
31 январи соли 2026

НАМОИШНОМАҲОИ ТЕАТРӢ

# МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ПЕШГИРИИ БЕМОРИИ СИЛ



***Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳунармандони Театри «Ҷавонон» ба номи Маҳмудҷон Воҳидов бо пешниҳоди як намоишномаи театрӣ баромад намуданд. Чорабинӣ бо ҳадафи боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқию иҷтимоии ҷавонон баргузор гардид.***

Дар намоишнома аҳли раёсати донишгоҳ, омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён иштирок карданд. Мавзуи асосии саҳнаи театрӣ ба хатарҳои терроризму экстремизм, роҳҳои пешгирии ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба бемории СИЛ бахшида шуд.

Саҳнаҳо бо забони содда- ву таъсирбахш ҷавононро ба зиракии сиёсӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқиву иҷтимоӣ даъват намуданд.

Чорабинӣ тибқи дастури ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода баргузор гардида, баргузории чунин намоишномаҳо ҳамчун василаи муассири тарбиявӣ ба пешгирии зуҳуроти номатлуб дар муҳити ҷавонон мусоидат менамояд.

# «АРӮСИ ҶАНГАРА» (Ё ЭКСТРАСЕНС)

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳунармандони Театри давлатии «Ҷавонон» ба номи Маҳмудҷон Воҳидов намоишномаи театрии «Арӯси ҷанагара» (ё экстрасенс)-ро пешниҳоди аҳли раёсат, омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ гардониданд.**

Намоишнома дар таҳияи Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирзоватан Мирзоев рӯйи саҳна оварда шуда, дар он масоили муҳими иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва равонӣ бо забони ҳаҷвӣ ва таъсирбахш инъикос гардиданд.

Зимни намоиш ҳунармандони шинохтаи кишвар бо иҷрои нақшҳои пурмазмун ва маҳорати баланди касбӣ тавонистанд таваҷҷуҳи тамошобинонро ҷалб намуда, паёми аслии асарро ба таври равшан ба онҳо расонанд. Мавзуи намоишнома бештар ба масъалаи оилавӣ, фиребу найранг ва таъсири манфии боварҳои носолим дар ҷомеа равона гардида, бинандаро ба андеша водор месозад.

Дар фарҷоми чорабинӣ роҳбарияти Донишгоҳ ба ҳайати эҷодии театр барои саҳми арзанда дар рушди фарҳанг, тарбияи маънавии ҷомеа ва ҳамкории судманд изҳори сипос намуданд.

Гузаронидани чунин чорабиниҳои фарҳангӣ ҷузъи муҳими ҳаёти маънавии донишгоҳ буда, ба баланд бардоштани сатҳи маърифат ва ҷаҳонбинии омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён мусоидат менамояд.





# «ХИЗМАТИ ҲАРБӢ»

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳунармандони Театри давлатии «Ҷавонон» ба номи Маҳмудҷон Воҳидов намоишномаи театрии «Хизмати ҳарбӣ»-ро пешниҳоди аҳли раёсат, омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳ гардониданд.**

Намоишнома бо ҳадафи тарғиби ҳисси ватандӯстӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва шаҳрвандии ҷавонон, инчунин ташаккули муносибати масъулона нисбат ба хизмати ҳарбӣ рӯйи саҳна оварда шуд. Дар ҷараёни намоиш масъалаҳои муҳим, аз ҷумла масъулияти ҷавонписарон дар назди Ватан, эҳтиром ба Артиши миллӣ, арзиши сулҳу субот ва нақши ҷавонон дар таъмини амнияти кишвар инъикос ёфтанд.

Ҳунармандон бо маҳорати баланди касбӣ, нақшофарии таъсирбахш ва саҳнаҳои пурмазмун тавонистанд таваҷҷуҳи тамоҳобинонро ба худ ҷалб намоянд. Намоишнома дар рӯҳияи тарбиявӣ таҳия шуда, паёми асосии он — хизмати ҳарбӣ ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ ба таври возеҳ ба тамошобинон расонида шуд.

Чунин чорабиниҳо ҳамчун василаи муассири ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ дар самти тарбияи аҳли ҷомеа мебошад.

ВОХӮРӢ

# ВОХӮРИИ НАМОЯНДАГОНИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ БО ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ

**Дар асоси нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардидаи Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи 14 январи соли 2026 дар толори донишгоҳ вохӯрии намояндагони Вазорати корҳои дохилӣ бо донишҷӯён баргузор гардид.**

Дар вохӯрӣ полковники милитсия Туразода Нуралишо — муовини сардори Раёсати мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддири ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтинанти калони милитсия Маҳмадуллозода Давлатхуҷа — ваколатдори оперативии ҳамин раёсат, ҳамчунин Давлатшо Каримзода — сардори шуъбаи тарбияи донишгоҳ, Давлатзода Муслима — мудири бахши кор бо духтарон ва бонувон, инчунин муовинони декан оид ба корҳои тарбиявии факултетҳо иштирок намуданд.

Зимни вохӯрӣ масъалаҳои пешгирии нашъамандӣ ва истифодаи маводи психотропӣ, ҷилавгирӣ аз шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, риояи қоидаҳои тартиботи ҷамъиятӣ ва донишгоҳӣ, одоби шаҳрнишинӣ, истифодаи воситаҳои нақлиёти шахсӣ ҳангоми ба дарс ҳозир шудан ва дигар масъалаҳои муҳим мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Иштирокчиён таъкид намуданд, ки ҷавонон бояд масъулияти худро дар назди ҷомеа ва давлат дарк намоянд, зеро ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту субот ва пешрафти кишвар маҳз ба насли ҷавон вобаста мебошад. Зикр гардид, ки манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ арзишҳои олӣ буда, ҳар як шаҳрванди ватандӯст бояд онҳоро ҳифз намояд.

Дар анҷом гуфта шуд, ки бойгарии ҳар миллату давлат саломатии халқ буда, тарзи ҳаёти солим ва дурӣ ҷустан аз ҳар гуна омилҳои хатарнок кафили ояндаи дурахшони ҷомеа мебошад.





ДАСТОВАРД

# ШУЪБАИ КОР БО ҶАВОНОНИ ДОНИШГОҲ СОЛИ 2026-РО БО ДАСТОВАРД ОҒОЗ НАМУД



**Рӯзи 27-уми январи соли 2026 дар толори Муассисаи давлатии “Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ” бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати ҷавонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ибтикори Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими ҷоизасупории соҳаи кор бо ҷавонон дар соли 2025 баргузор гардид, ки дар он беҳтаринҳои соҳа қадрдонӣ шуданд.**

Боиси ифтихор аст, ки шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар номинаи «Беҳтарин шуъбаи кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли 2025» беҳтарин дониста шуда, дар вазъияти тантанавӣ бо ҷоиза ва туҳфаи хотиравии таъсис намудаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки дар давоми соли 2025 шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳ бо дастуру супоришҳои роҳбарияти муассиса дар партави сиёсати хирадмандона ва ҷавонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ барои татбиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон, таваҷҷуҳ ва дастгириҳои Ҳукумати мамлакат ба ҷавонон, пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, ҷиноятту ҷинояткорӣ, нашъамандӣ, бемориҳои сироятӣ, хурофотпарастӣ, пошхӯрии оилаҳои ҷавон, худкушиву худсӯзӣ, истифодаи дурусти сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, авзои сиёсии ҷомеаи ҷаҳон ва хатару таҳдидҳо, омӯзиши илмҳои муосир ва технологияи замонавӣ, иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, касбомӯзӣ ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз дар Донишгоҳ тамоми чораҳои зарурӣ андешида шуда, амалӣ гардида истодааст.

# ИШТИРОК ВА ҒОЛИБИЯТ ДАР ОЗМУНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «БЕҲТАРИН ДАР СОҲАИ МАОРИФ»

***Декани факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Раҳматулло Рауфов ва омӯзгори ҳамин факултет Хидиров Ғолибҷон дар озмуни байналмилалии тадқиқотӣ миёни муассисаҳои илмӣ ва педагогӣ таҳти унвони «Беҳтарин дар соҳаи маориф» иштирок намуда, бо дастовардҳои назарраси илмӣ-педагогии худ сазовори Дипломи дараҷаи I гардиданд.***







Озмуни мазкур бо ташаббуси Маркази байналмилалии тадқиқотии “Endless Light in Science” баргузор гардида, дар он намояндагони муассисаҳои илмӣ ва таълимии як қатор кишварҳо ширкат варзиданд. Натиҷаҳои озмун дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ҷамъбаст ва эълон карда шуданд.

Зимни ҷамъбасти озмун, Раҳматулло Рауфов ва Хидиров Ғолибҷон ҳамчунин бо нишони фахрӣ ва медали озмун қадрдонӣ гардида, саҳми онҳо дар рушди илм ва соҳаи маориф баҳои баланд гирифт.

Ин дастовард далели сатҳи баланди касбият, фаъолияти пурсамар ва саҳми арзандаи омӯзгорон дар пешрафти соҳаи маориф буда, боиси ифтихори ҷомеаи илмӣ-педагогӣ маҳсуб меёбад.

# САҲМИ ДОНИШГОҲ ДАР РУШДИ ВАРЗИШ ВА МУАРРИФИИ КИШВАР ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Рӯзи 11 январи соли 2026 дар шаҳри Сиямини Ҷумҳурии Мардумии Чин C&D марафони байналмилалии Сиямин–2026 баргузор гардид. Дар ин чорабинии бузурги варзишӣ 35 000 варзишгар аз зиёда аз 40 кишвари ҷаҳон ширкат варзиданд.**

Дар марафони бонуфузи мазкур дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иштирок намуда, кишвари моро се варзишгар аз шаҳри Душанбе намояндагӣ карданд. Аз ҷумла, дар ҳайати даста омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Одинаев Меҳробҷон ҳунари варзишии худро муаррифӣ намуд.

Қобили зикр аст, ки ҳамаи варзишгарони тоҷик масофаро бо муваффақият паси сар карда, бо натиҷаҳои назаррас ба марра расиданд, ки ин гувоҳи сатҳи хуби омодагии







ҷисмонӣ ва касбии онҳо мебошад.

Иштироки намояндаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар чунин мусобиқаи сатҳи ҷаҳонӣ на танҳо мояи ифтихори ҷомеаи донишгоҳӣ, балки далели саҳми муассиса дар рушди варзиш ва муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад.

Раёсати донишгоҳ ба варзишгарон ва намояндаи худ барои иштироки фаъолона ва натиҷаҳои хуб таманниёти нек иброз намуда, барояшон дар фаъолияти минбаъда комёбиҳои нав орзу мекунад.

# ДОНИШҶӮИ ДОНИШГОҲ СОЗОВОРИ ҶОИЗАИ ОЗМУН ГАРДИД

***Донишҷӯи курси якуми ихтисоси физика ва математикаи факултети физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Рӯзибоева Гулиҷон дар озмуне, ки аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, дар номинатсияи «Ихтирокор» иштирок намуда, сазовори ҷоиза гардид.***




Қайд кардан ба маврид аст, ки озмуни мазкур бо мақсади дарёфт, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонони болаёқат, ихтирокор ва эҷодкор баргузор шуда, саҳми ҷавононро дар рушди илм, техника ва навовариҳо боз ҳам тақвият мебахшад.

Раёсати донишгоҳ ин дастоварди илмӣ-эҷодии донишҷӯро натиҷаи таваҷҷуҳи доимӣ ба рушди неруи зеҳнии ҷавонон дониста, ба ғолиб барору комёбиҳои нав таманно менамояд.

Муаллим он шахсест, ки рӯҳ ва ақлро рӯшноӣ мебахшад. **Ҷалолиддини Балхӣ**

№01 (1091)
31 январи соли 2026

**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияи «Омӯзгори ҷавон» рубрикаи вижаро пешниҳод мекунад, ки ҳадафи он бозгӯ ва таҳлили дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, бахусус саҳми муассисаҳои илмӣ-маърифатӣ дар рушди кишвар мебошад. Дар доираи ин бахш мавод оид ба комёбиҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун яке аз марказҳои бонуфузи тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, рушди илму маориф, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи ислоҳоти соҳа мунтазам ба нашр мерасад. Рубрика минбари муаррифии иқдомҳои нав, таҷрибаи пешқадам ва нақши Донишгоҳ дар тарбияи насли худогоҳу ватандӯст дар даврони Истиқлол хоҳад буд.**

## КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР ДОНИШГОҲ

***Рӯзҳои 28-29 январи соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Адабиёти ҷаҳон ва методикаи таълими забони русӣ дар ҷаҳони муосири технологияҳои инноватсионӣ» баргузор гардид.***




Конференсия ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 95-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида шудааст.

Дар маросими ифтитоҳи конференсия сухани табрикии ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои илмӣ Раҷабзода Сироҷиддин ба самъи иштирокчиён расонида шуд, ки дар он аз ҷумла ба аҳамияти рушди илм ва маориф, нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, инчунин зарурати истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим таъкид гардид.

Сипас декани факултети забон ва адабиёти рус Худойдодзода Фаррух баромад намуда, оид ба аҳамияти баргузории чунин чорабиниҳои илмӣ дар рушди омӯзиши забон ва адабиёт, инчунин густариши ҳамкориҳои илмӣ байни муассисаҳои таълимии кишварҳои гуногун ибрози назар намуд.

Дар ҷараёни конференсия олимон ва омӯзгорон аз кишварҳои гуногун бо маърӯзаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои омӯзиши бисёрзабонӣ, таҳаввули тафаккури забонӣ, усулҳои муосири таълими забон, робитаи забон ва фарҳанг, инчунин равишҳои инноватсионӣ дар таълими забони русӣ суханронӣ карданд.

Аз ҷумла, маърӯзаҳои намояндагони муассисаҳои илмӣ ва таълимии Шветсия, Ӯзбекистон ва Қирғизистон пешниҳод гардида, масъалаҳои мубрами рушди таълими забон дар ҷомеаи бисёрфарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Таъкид гардид, ки имрӯз забони русӣ, ҳамчун василаи муҳими рушди илм, техника ва маориф, дар таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқҳо нақши муҳим мебозад.

Конференсияи мазкур барои густариши ҳамкориҳои илмӣ ва мубодилаи таҷрибаҳои пешқадам заминаи мусоид фароҳам меорад.

## КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ОМӮЗИШИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ

**Рӯзи 16-уми январи соли равон дар факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тибқи нақшаи тасдиқгардида конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ баргузор гардид.**



Конференсия бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 95-солагии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва татбиқи барномаи давлатии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» доир шуд.

Чорабинии илмӣ таҳти унвонҳои «Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба рушди гуногунии биологӣ» ва «Муносибати босалоҳият зимни омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ: воқеият ва имкониятҳо дар шароити татбиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ» баргузор гардид.

Конференсияро сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳ, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Абдуҷалилзода Ф. бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуда, аҳамияти баргузории чунин чорабиниҳои илмиро дар рушди таҳқиқоти муосир ва тақвияти ҳамкориҳои илмӣ муҳим арзёбӣ карданд. Дар фарҷом ба иштирокдорон ва кори конференсия барору комёбиҳо таманно намуданд.

Сипас, доктори илмҳои биологӣ, профессори Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Раҳимов Сафарбек дар мавзуи «Растаниҳои типи набототи нимсаванна ва истифодаи оқилонаи онҳо» бо истифода аз рӯнамо маърӯза намуда, оид ба хусусиятҳо, аҳамият ва тарзи истифодаи як қатор растаниҳои нимсаванна аз ҷониби аҳолӣ маълумоти ҷолиб пешниҳод карданд.

Маърӯзаи навбатиро номзади илмҳои химия, мудири шуъбаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Орифов Абдулло Асоевич дар мавзуи «Истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ҷараёни дарсҳо ва чорабиниҳои беруназсинфӣ аз фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ» ироа намуданд. Дар маърӯза ба масъалаи истифодаи васеи технологияҳои муосир дар раванди таълим таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардид.

Дар қисми ниҳоии конференсия декани факултети биология, дотсент Рауфов Р. оид ба дастовардҳои факултет дар доираи барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», инчунин мақсад ва аҳамияти ташкили конференсияи мазкур суханронӣ намуданд. Дар анҷом ба иштирокчиён барои кори самаранок дар бахшҳои конференсия муваффақиятҳо таманно карда шуд.


(Идома дар саҳ. 9)

РАВЗАНАИ ОШНОӢ

# ОМӮЗГОРИ СОҲИБЭЪТИБОР ВА МАРДИ МАЙДОНИ КОР

**Ӯ субҳи барвақт ҷониби коргоҳ мешитобад, аксаран чанд истгоҳ пиёда қадам мезанад, аз насими муаттар ва ҷонпарвари субҳи босафо баҳра мегирад, тану ҷонаш нашъаи нав дармеёбад, равонаш болида мегардад. Ӯ коргоҳро макони орзуву омолҳо ва боргоҳи фурӯғи илму маърифат медонад. Ин сабоҳ низ бо нияти нек, бо як сару сад хаёл аз хона бадар шуд. Фурӯғи субҳи ҷонпарвар пардаи торики шабро бармечид, муҳити атроф оҳиста-оҳиста равшан мешуд, аз ин равшанӣ дилаш ба олами ҳастӣ гармтар, неруяш ба анҷоми амалҳои солеҳ қавитар мегардид. Ғарқи хаёлоти ширин майда-майда қадам монда ба истгоҳ расид. Одатан субҳи содиқ мардум аз пайи ташвишу тараддуди рӯзгор мешитобанд; яке бозор мерафт, дигаре роҳ ҷониби мактаб, сеюмӣ аз пайи корҳои рӯзмарраи хеш равон буд. Дар истгоҳ чанде дӯстрӯякони хушиқболро дид, ки ҷониби дабистон мерафтанд. Ба онҳо бо меҳр назар дӯхт, даврони мактабхонияш пеши назар ҷилвагар шуд…**

Ӯ майда-майда қадам мемонаду рӯзгори гузаштаи даврони тифлияшро саҳифагардон мекард. Ҳаёт нисбат ба тақдири ӯ номеҳрубон буд. Ҳанӯз дар батни модар ҳаштмоҳа буд, ки падараш даргузашт. Дар тифлӣ аз навозиши падар маҳрум гашт. Душвории зиндагии солҳои чилуми асри XX бар дӯши ӯву модараш афтод. Фақру нодорӣ модарро дар ҷавонӣ пир карда буд. Фарзандашро ноилоҷ ба мактаб-интернати комплексии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе (ҳоло донишкадаи варзиш) супорид. Баъдан таҳсилро дар мактаб-интернати № 2-и шаҳри Душанбе идома дод. Ҳангоми таҳсил ягона умеду орзу ва такягоҳаш - модарро аз даст дода, ба қавле ятими кул шуд. Дарёфт, ки роҳи ягонаи дар зиндагӣ мавқеъ пайдо кардан такя ба дониш аст.

Соли 1960 баъди хатми мактаб мақсад дошт, ки ба факултаи математикаи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов дохил шавад, вале бинбар камбизоат будanaш рафта натавонисту бахт ба рӯяш нахандид. Худи ҳамон сол донишҷӯи факултаи физика ва математикаи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе гардид. Хондан барояш дар ин ҷо саҳл буд, ҳалли мисолу масъалаҳо гӯё барояш такрор мешуданд, дар соли аввали хониш бинобар камбизоатияш фурсати сабукии хонишро ба эътибор гирифта, шабона бар коргоҳи яхдонсозии пойтахт кор мекард. Соли 1970 донишкадаро бо муваффақият хатм намуда, бо сифати омӯзгори фанни астрономия дар кафедраи физикаи назариявӣ ба кор қабул гардид.

Олами хаёлоти рангини давраи ҷавониро аз фикр бадар кард, дар истгоҳ издиҳоми мардум меҷӯшид. Инро дида қарор дод каме пиёда ҳаво хӯрад. Қадам мезаду аз боди фораму руҳнавози насими файзбахши субҳгоҳӣ чеҳрааш мешукуфт. Пешопешаш чанд нафар ҷавон, ки аз афташ донишҷӯ буданд, бору буғчаи худро бардошта роҳ мепаймуданд.

- Ҳа бачаҳо, чашми рӯз накафида куҷо мешитобед?, - маънидорона ба онҳо нигарист.

- Хонаи иҷора меҷӯем устод,- баробар ҷавоб доданд онҳо. Зиндагӣ мушкил, иҷорнишинӣ аз он мушкилтар, - бо шиква лаб кушоданд донишҷӯён.

-Зиндагӣ бо ҳамин душвориҳояш ширин аст, - гуфту ба ҷавонон рӯ оварда, қисмати талхи солҳои сол дар ҳавлии хурдакаи назарногир зинданӣ намудани худро ба онҳо бозгӯ кард. Ёдовар шуд, ки дар markази шаҳри Ҳисор беш аз 40 сол дар шароити тоқатфарсо зиндагӣ карда буд. Ҳар саҳар аз Ҳисор ба кор меомад ва барои беҳбудии рӯгор дар мактаби миёна ҳам дарс мегуфт. Ӯ бо суханони хубу созанда дили ҷавонони донишандӯзро ба зиндагӣ гарм кард.

-Шумо ҳам рӯзе соҳиби хонаву ҷой, донишу мақом мегардед, ба ҳамааш тоқат бояд кард, - гуфт ба онҳо ва худро мисол оварད, ки бо сабуриву тоқат ҳамроҳи оилааш даҳ сол пасандоз намуда, танҳо соли 2023 дар маҳаллаи Зарафшони пойтахт соҳиби хонаи шахсӣ шуд.

- Оё бо пули омӯзгорӣ метавон соҳиби хона шуд?, - паёпай савол медоданд донишҷӯён.

-Бале, агар инсон сабру тоқат дошта бошад,- ҷавоб дод ӯ ва ба ёд овард, ки чӣ гуна баъди 40 сол соҳиби хона гардид ва ҳангоми вориди хона гардидан заҳматҳои кашида худро пеши назар оварда қариб ним соат гирист, ин ашки шодӣ буд.

Ба донишҷӯён хайрухуш карда, ба соат нигарист. То оғози дарс як соати дигар аст гуфту ба автобус нишаст. Автобус ҳаракат мекарду аз тирезаи он ба берун назар дӯхт. Симои пойтахт билкул дигаргун шудааст, биноҳои ободи серошёна, роҳҳои сеқабатаи замонавӣ, боғу гулгаштҳо Душанберо ба тирози ҷаҳон табдил намудаанд. Дар пойтахт ҳар рӯз як навгонӣ ва падидаи навро шоҳид шудан мумкин, ин аз баракати сулҳу ваҳдат аст. Оре, сулҳу ваҳдат самчашмаи ҳамаи пешрафтҳо ва бунёдкориҳост. Ӯ, ки мушкилоти низои дохилиро аз сар гузаронидааст, ба қадри ҳаёти осоишта бештар мерасад.



Аз автобус поён шуда, ҷониби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ роҳ пеш гирифт. Раҳораҳ донишҷӯён ба ӯ салом медоданд, устодон гарм вохӯрӣ менамуданд, зеро ӯ шахсияти шинохташуда аст. Аз соли 1971, яъне 55 сол инҷониб дар факултети физикаи ин боргоҳи маърифат содиқона заҳмат мекашад. Суҳбати ӯ бо устодони кафедра сари як пиёла чой қур гирифт. Омӯзгорони ҷавон нозукиҳоли дарс ва фанни физика ва астрономияро пайваста аз ӯ ҷӯё мешаванд. Аз ҷониби дигар, факултети физика барояш муқаддас аст, беш аз ним қарни умри пурбаракати ӯ дар ҳамин факултет сипарӣ шудааст. Ҳанӯз симои пуршукӯҳи устодони он, аз ҷумла Сергей Владимирович Круковский дар пеши назараш ҷилвагар аст. Маҳз бо ҳидояти устодаш Круковский меҳри фанни физика ва астрономия дар дилаш маъво гирифт, шавқаш ба ин фан шуд. Дар расадхонаи Ҳисори институти Астрофизика ҳаракати ситораву сайёраҳоро расад мекард, гардиши моҳу хуршедро мушоҳида менамуд ва ба ин васила ҷаҳонбинии илмии худро ғанӣ мекард. Ӯ чунин мешуморад, ки инсон ҳар қадар аз асрори коинот воқиф гардад, ҳамон қадар аз нодониву ҷаҳолат фосила мегирад.

Сергей Владимирович Круковский ба сифати устоди меҳрубон дар баробари таълиму тарбия ӯро барои таълифи дастуру китобҳои соҳавӣ ҳидоят карда буд. Барои амалӣ намудани ҳидоятҳои устодаш сидқан ва бомаром камари ҳиммат барбаст. Баъдан китобҳои дарсии «Нуҷум» барои синфҳои 11 ва Физика» барои синфҳои 9-ро таълиф кард. Аммо ба ин иктифо накарда, ба таълифи «Донишномаи Астрономия» ҷаҳд варзид. Барои амалӣ гаштани ин мақсад даҳҳо сарчашмаҳои илмиву оммавиро омӯхт, садҳо мақолаҳои илмиву оммавиро варақгардон кард, китобҳои соҳавиро мутолиа намуда, маводи мавриди назарро дастнавис ва ёддошт менамуд. Заҳмати даҳсолааш саранҷом самараи ширин ба бор овард. Соли 2020 бо ташаббуси роҳбарияти донишгоҳ китоби калонҳаҷми «Донишномаи Астрономия» дар ҳаҷми 336 саҳифа интишор гардида, ки айни ҳол китоби рӯимизии мутахассисони соҳаҳои нуҷуму физика гардидааст. Китоби мазкур маводи таълимӣ бо риояи қоидаҳои илмӣ, тариқи содаву равону фишурда, асрори воқеияти аслии олам, кушоишҳои маърифати инсон ва вазъи ҷомеаи кишварро дар ҷодаи тараққиёт бо далелҳои воқеӣ дарбар мегирад. Воқеан, китоб нахустин маводи мукаммали соҳа буда, шоистаи таҳсин аст. Аз ин лиҳоз, худро хушбахт мешуморад, ки аз маҳсули заҳматаш садҳо нафар толибилму устодон истифода мебаранд. Афзудани талабот ба ин китоби бунёдиро ба назар гирифта роҳбарияти донишгоҳ нашри дигари онро дар ҳаҷми 410 саҳифа роҳандозӣ кард.

Баъди эълони озмун ва дар ҳамоҳангӣ бо барномаи нави таълим китобҳои дарсии «Астрономия» барои синфи 10 ва «Астрономия» барои синфҳои 11 аз ҷониби ӯ навишта шуд.

Шояд хонандаро кӣ будани қаҳрамони лавҳаи мо ба риққат орад. Ному насаби қаҳрамони нигоштаи мо Отаҷон Нозимов бо тахаллуси Ятим аст. Бале, тахаллуси ӯ ба замони тифлияш рабт дорад.Ӯ аз ятим будани худ ор надорад, балки заҳматаш нишон дод, ки ятим ҳам метавонад дар ҷомеа ҷойгоҳи муносиб пайдо намояд, соҳибном, соҳибкитоб ва соҳибэҳтиром шавад.

Имсол ӯ ба синни 78 қадам мегузорад, аммо ҳанӯз қоматаш рост, чеҳрааш хандон ва олами эҷодаш рахшон аст. Отаҷон Нозимов аз он меболад, ки соҳиби оилаи накӯному фарзандони солеҳ аст. Ӯ дар ҳалқаи фарзандон худро ҷавон меҳисобад, гузашта аз ин, завқи эҷод ҷаҳони маънавии ӯро ҳамвора ҷавон нигоҳ медорад.

Отаҷон Нозимов баъди суҳбати хотирмон ҷониби аудитория роҳ пеш мегирад, ӯро шогирдон бесаброна интизоранд, ӯ бо равиши ба худ хоси тадрис дар баробари омӯзишу парвариш дар замири донишандӯзон донаҳои меҳр мекорад, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят месозад, ба онҳо дарси садоқату хештаншиносӣ меомӯзад, аз ин рӯ, ҳамеша дарс барояш муқаддас аст, зеро устуғонаш бо дарс сабзидааст. Ӯ бо хушнудӣ қадам мебардорад ҷониби олами таълиму тарбия, ҷаҳони навовариву эҷод, дунёи офаринишу эъҷоз, муҳим он аст, ки ҳанӯз ин қадамҳо устуворанд ва пойдоранд…

Портрети эҷодӣ ва таълифоти мондагори ин фарди хоксору баор, шарифу фарзонаву пуркор дар зеҳни ашхоси эҷодкору растагор ба ҳайси улгуи инсони шоиста ҷовидона сурат мебандад, зеро офаридаҳояш мондагор ва худаш омӯзгори соҳибэътибор ва марди майдони кор аст.

**Саидмуроди Хоҷазод, профессор**

Илм он аст, ки бо ақл ва таҷриба пайваст бошад, вагарна танҳо суханест пароканда.
Умари Хайём



# НАҚШИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНӢ ДАР РУШДИ ИЛМУ МАОРИФ ВА ТАЪМИНИ СИФАТИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ

**Саҳми Комиссияи олии аттестатсионӣ дар марҳилаи муосири рушди илму маорифи кишвар воқеан назаррас ва тақдирсоз арзёбӣ мегардад. Ин ниҳод ҳамчун сохтори калидии танзимкунанда дар самти омодасозӣ, арзёбӣ ва тасдиқи рисолаҳои илмии кадрҳои баландихтисос фаъолияти худро дар заминаи меъёрҳои байналмилалӣ ва талаботи муосири илм ба роҳ мондааст. Татбиқи низоми шаффофи аттестатсия, тақвияти сифати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва боло бурдани масъулияти муҳаққиқон аз ҷумлаи самтҳои муҳими кори Комиссия ба шумор меравад.**

Бо такя ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди илми миллӣ, баланд бардоштани неруи зеҳнӣ ва таҳкими пояҳои илмии давлатдорӣ, фаъолияти Комиссия дар чорчӯби талаботи замон такмил дода шудааст. Махсусан, ҷорӣ намудани меъёрҳои дақиқи арзёбии рисолаҳо, назорати сифати нашрияҳои илмӣ ва ҳавасмандсозии пажуҳишҳои дорои аҳамияти амалӣ ба рушди фазои илмии кишвар такони ҷиддӣ бахшидааст.

Ҳамзамон, татбиқи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои миллии рушди илм ва маориф, рақамикунонии равандҳои аттестатсионӣ, густариши ҳамкориҳои илмии дохиливу хориҷӣ ва дастгирии мактабҳои илмӣ имконият фароҳам овардааст, ки сатҳу сифати корҳои илмӣ ба марҳилаи нав бардошта шавад. Ин раванд ба ташаккули насли нави олимони соҳибкасб, рақобатпазир ва дорои ҷаҳонбинии илмии муосир мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, дар шароити рушди босуръати технологияҳои



**Раҷабзода С.И., доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмӣ**

рақамӣ ва зеҳни сунъӣ масъалаи истифодаи онҳо дар фаъолияти илмӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад.

Бояд таъкид намуд, ки зеҳни сунъӣ метавонад, танҳо ҳамчун воситаи ёрирасон барои ҷустуҷӯи маълумот, таҳлили ибтидоӣ, коркарди матн ва низомдиҳии манбаъҳо хизмат намояд, аммо он наметавонад ҷойгузини тафаккури мустақили илмӣ, таҷрибаи пажӯҳишӣ, масъулияти муаллиф ва навоварии шахсӣ гардад. Навиштани диссертатсия пеш аз ҳама натиҷаи таҳқиқоти мустақил, таҳлили амиқи назариявӣ, озмоишу санҷиш ва хулосабарории илмии худи муҳаққиқ мебошад.

Аз ин рӯ, омода намудани рисолаҳои илмӣ бо такяи комил ба зеҳни сунъӣ аз нигоҳи меъёрҳои илмӣ ва ахлоқи академӣ қобили қабул нест. Талаботи комиссияҳои аттестатсионӣ ба аслӣ будани натиҷаҳо, саҳми шахсии муҳаққиқ ва асоснокии илмии хулосаҳо равона гардидааст. Танҳо чунин муносибати масъулона метавонад сифати корҳои илмӣ ва эътимоди ҷомеаи илмиро таъмин намояд.

Дар маҷмӯъ, фаъолияти пурсамари Комиссияи олии аттестатсионӣ имрӯз ба унвони як омили муҳими таъминкунандаи сифати илм, тақвими иқтидори кадрӣ ва рушди устувори фазои илмӣ дар кишвар арзёбӣ гардида, дар татбиқи сиёсати давлатии илму маориф нақши муассир дорад.

# НАШРИЯИ «ОМӮЗГОРИ ҶАВОН» – САҲИФАИ ЗАРРИН ДАР ТАЪРИХИ МАТБУОТИ ДОНИШГОҲ

**Ҳафтавори «Омӯзгори ҷавон» яке аз арзишмандтарин саҳифаҳои таърихи матбуот ва ҳаёти маърифатии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маҳсуб мeёбад. Ин нашрия аз лаҳзаи пайдоиши худ на танҳо воситаи иттилоотӣ, балки минбари ташаккули андеша, ҷаҳонбинӣ ва ҳувияти касбии омӯзгорони ҷавон гардида, дар тӯли даҳсолаҳо рисолати фарҳангиву тарбиявии худро бо садоқат иҷро кардааст.**

Нашри нахустин шумораи он 1 сентябри соли 1957 дар шаҳри Душанбе бо унвони «Педагоги ҷавон / Молодой педагог» бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ роҳандозӣ гардида аст. Нашрия ҳамчун минбари расмии Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (имрӯза Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) шинохта мешуд. Нусхаи маҳфузмонда, ки дар Осорхонаи таърихии Донишгоҳ ба маърази тамошо гузошта шудааст гувоҳи он аст, ки шумораи №3 бо нархи 10 тин ба дасти хонандагон расида, аллакай дар муҳити донишгоҳӣ мавқеи устувор пайдо намудааст.

Ҳадаф ва мароми нашрия дар матни сарсаҳифа равшан зикр шудааст: «Омӯзгори ҷавон» ҳамчун нашрияи ҷамъиятӣ-тарбиявӣ таъсис ёфта, фаъолияти мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбӣ, маъмурият, созмонҳои ҷавонон ва ҳаёти донишҷӯёни



Привет участникам уборки хлебов на целинных землях Восточного Казахстана!

Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед!

Педагоги ҷавон
Молодой педагог

Органи бюрои партиявӣ, дирекция, комитети ЛКСМ, комитети маҳаллӣ ва иттифоқи касабавии институти педагогии ба номи Т. Г. Шевченко.

№ 3 | Душанбе, 22 сентябри соли 1957 | Нархаш 10 тин.

БА ҒУНУЧИНИ ПАХТА МУТАШАККИЛОНА ЁРӢ МЕРАСОНЕМ

Ба наздикӣ дар бораи гузаронидани ҷамъоварӣ ва тайёр кардани ҳосили пахтаи соли 1957 дар колхозҳо ва совхозҳои республика қарори КМ ПК Тоҷикистон ва Совети Вазирони РСС Тоҷикистон чоп шуда баромад. Дар ин қарор қайд карда мешавад, ки колхозҳо, МТС-ҳо ва совхозҳо, ташкилотҳои партиявӣ, советӣ ва органҳои хоҷагии қишлоқи республика дар бобати бартараф намудани ақибмонии нашъунамои ниҳолҳои пахта бисёр корҳоро ба ҷо оварда, дар аксар участкаҳо чунин ҳосилгункунии ниҳолҳоро ба даст оварданд, ки ин аз тарафи республика иҷро карда шудани ӯҳдадории социалистиро таъмин мекунад.

Меҳнатдӯстони саҳроҳои Тоҷикистон барои сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 40-солагии Революцияи Кабири Социалистии Октябрь тайёрӣ дида, қавл додаанд, ки плани давлатии пахтатайёркуниро то 7 ноябрь ва ӯҳдадории социалистиро то 1 декабрь иҷро намуда, ба ҳисоби миёна аз ҳар гектар ба Ватан 29-центнерӣ пахтаи навъҳои советӣ ва 23-центнерӣ пахтаи маҳиннахи советӣ супоранд.

ИЗ ПОСЛЕДНЕЙ ПОЧТЫ

Сегодня 166 студентов нашего института — участники уборки урожая хлеба в Восточном Казахстане прибыли специальным поездом. Представители нашего коллектива тепло встретили участников на Сталинабадском вокзале.

Мо қавли худро иҷро менамоем

институтро инъикос менамуд. Ҳадафҳои асосӣ иборат аз бозтоби ҳаёти илмӣ ва таълимии институт, тарбияи ғоявӣ-ахлоқии омӯзгорони ҷавон ва тақвияти робитаи донишҷӯён бо равандҳои иҷтимоӣ ва идеологии замон будааст. Ин ҳадафҳо дар сохтор, мазмун ва рӯҳияи матолиби нашрия равшан таҷассум ёфтаанд.

Мазмуни шумораи аввал ба масъалаҳои муҳими солҳои 1950-ум бахшида шудааст. Дар он матолиб оид ба иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар ҷамъоварии ҳосили ғалла дар заминҳои Қазоқистони Шарқӣ, хабарҳо аз ҳаёти институт, фаъолияти иҷтимоиву меҳнатии ҷавонон ва мақолаҳои тарбиявӣ дар руҳияи масъулияти шаҳрвандӣ ва касбӣ ҷой гирифтаанд. Гарчанде ки номи ҳамаи муаллифон пурра хонда намешавад, унвонҳо ва мазмуни матолиб фазои иҷтимоӣ, маънавӣ ва идеологии давронро возеҳ инъикос мекунанд ва имрӯз ҳамчун сарчашмаи муҳими таърихӣ арзишманданд.

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби рӯзнома нашри он бо ду забон — тоҷикӣ ва русӣ мебошад. Ин равиш доираи васеи хонандагонро фаро гирифта, ҳамзамон равандҳои ташаккули маорифи олӣ ва фарҳанги матбуотиро дар Тоҷикистон бозтоб менамуд.

Аз соли 1986, дар давраи сармуҳарририи Абдусамад Муллоев, рӯзнома ба «Омӯзгори ҷавон» табдил ёфт. Дар тӯли фаъолият сармуҳарририи онро шахсиятҳои маъруфе чун Я. Исоев, Ю. Сафаров, Б. Худойдодов, А. Пудинаев, А. Сабоҳзода, А. Муллоев, А. Худойдодов, Б. Абдураҳимов ва Ҳ. Сатторов ба ӯҳда доштаанд.

Аҳаммияти адабӣ ва фарҳангии нашрия аз он бармеояд, ки бисёре аз чеҳраҳои шинохтаи илму адаби тоҷик, аз ҷумла Боқӣ Раҳимзода, Лоиқ Шералӣ, Зиё Абдулло, Бобо Насриддин, Убайд Раҷаб, Низом Нуруҷонов, Урун Кӯҳзод, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибуллоҳи Файзуллоҳ, Абдулҳамид Самадов, Кароматулло Мирзоев, Назри Яздонӣ, Камол Насрулло, Мӯҳтарам Ҳотам, Сайёд Ғаффор ва дигарон маҳз нахустин осори худро дар ҳамин нашрия ба чоп расонидаанд. Ин далел «Омӯзгори ҷавон»-ро ба як мактаби воқеии эҷодӣ табдил додааст.

Имрӯз нашрияи мазкур ҳар моҳ ба табъ расида, ҳамчун минбари расмии иттилоотӣ фаъолияти раёсат, факултетҳо, кафедраҳо ва сохторҳои донишгоҳро инъикос мекунад. Дар саҳифаҳои он хабарҳо, гузоришҳо, мақолаҳои таҳлилӣ, мусоҳибаҳо ва маводҳои илмӣ-оммавӣ ҷой гирифтаанд. Нашрия донишҷӯёнро ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб намуда, барои онҳо ҳамчун мактаби таҷрибаомӯзӣ дар соҳаи журналистика, суханварӣ ва таҳлили иҷтимоӣ хизмат мекунад. Риояи меъёрҳои забони адабӣ ва таблиғи арзишҳои миллӣ, сиёсати давлатии ҷавонон ва соҳаи маориф аз самтҳои асосии фаъолияти он мебошад.

Нусхаи сеюми «Омӯзгори ҷавон», ки имрӯз дар осорхонаи донишгоҳ нигоҳдорӣ мешавад,



**Кенҷазод Фаридун, сармуҳаррири нашрияи “Омӯзгори ҷавон”-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

на танҳо як нусхаи кӯҳнаи рӯзнома, балки ёдгории зиндаи таърих аст. Он оғози анъанаи матбуоти дохилидонишгоҳиро дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ифода намуда, шоҳиди рушди маорифи олӣ ва андешаҳои омӯзгорону донишҷӯёни дирӯз мебошад. Нигоҳдорӣ ва маррифии чунин мероси арзишманд кафолати пайванди наслҳо ва идомаи суннатҳои неки маърифатпарварӣ мебошад.

Хулоса, «Омӯзгори ҷавон» дар тӯли наздик ба 70 сол ҳамчун минбари иттилоотӣ, эҷодӣ ва тарбиявӣ мавқеи хоси худро нигоҳ доштааст. Ин рӯзнома оинаи замон, шоҳиди таърих ва ҳамсафари омӯзгорони ҷавон буда, имрӯз низ бо масъулияти баланд рисолати касбиву маърифатии худро идома медиҳад.

Дониш ганҷест, ки дузд онро намебарад
ва оташ намесӯзонад. **Саъдии Шерозӣ**



# АФСУС, КИ ДИГАР ДАР КАНОРАМОН НЕСТ!



**Олимон чароғеро мемонанд, ки роҳи равандагонро ба суйи ояндаи дурахшон равшан мекунад ва агар олим омузгор бошад, ҳҳақиқати ин суханҳо боз ҳам ошкору дақиқтар мегардад.**

Устоди зиндаёди мо Наврӯзи Гулзод, ин марди фурутан ва самимӣ, ки тамоми умри худро ба илму инсонпарварӣ бахшида буд, ногаҳон аз байни мо рафт ва андуҳи ғайри қобили тасаввурро на танҳо дар дили дустону пайвандон, балки ҷомеаи илмию адабӣ ва инсоният гузошт. Хабар аз бемории шуш ва фавти ногаҳонии ӯ монанди туфони шадид ҳамаи моро ба ларза овард, гӯё ҳамеша интизори зиндагии абадӣ ва ҳузури ҳамешагии ӯ будем. Бовар кардани ин талаф барои ҳеҷ кас осон набуд. Ӯ барои ман ва дигар устодону дустон на танҳо устоди донишгоҳ, балки ҳаммаслиҳат, раҳнамо ва намунаи беназир дар ҳаёт буд.

Устод Гулзода марди хоксор, инсоншиносу инсондӯст, боэҳтиром ва дорои маданияти баланди инсонӣ буданд, ҳар як калима, нигоҳ ва табасссуми ӯ сабақи ҳаёт буд. Яке аз беҳтарин хислатҳои устод дар ин буд, ки ӯ бо ҳамсуҳбатони худ боэҳтиром ва самимона сухан мегуфт ва кӯшиш менамуд корафтодаеро ноумед нагардонад. Ӯро диле буд дардошно, ишқе буд беҳамто, чеҳрае буд нуронӣ ва ҳамеша дар канораш дустон ҷамъ меомаданд.

Бори илму маърифату фарҳанг ва саховатмандию одамгариро кашидан кори ҳар як кас нест ва кам дар кам бар одамон муяссар мегардад, ки ин ҳамаро тавонанд дар тиннату ботини хеш ҷой диҳанд. Устод Гулзода шахси асиле буданд. Ҳар ваъдае, ки медоданд, ҳатман аз пайи иҷрояш мешуданд. Инсоне буданд, ки забону амалашон яке буд.

Дарсҳои донишгоҳӣ ва курсҳои илмие, ки ӯ баргузор мекард, на танҳо фурсати омӯхтани илм буд, балки дарси зиндаи ахлоқ, одоб, фурӯтанӣ ва инсонияти ӯ дар амал буд. Дар ҳамоишҳо ва конфронсҳо сухани ӯ, услуби таҳлили дақиқи ӯ ва қобилияти ӯ дар равшан кардани масъалалҳои печида, дар зеҳн ва дили шунаванда таъсири амиқ ва устувор мегузошт. Ҳатто лаҳзаҳои хомушии устод маъно дошт. Хомӯшие, ки донишҷӯро водор мекард бо тамоми ҳастӣ ба фикр фурӯ равад ва арзиши ҳар калима ва ҷумларо дарк кунад

Устод дар яке аз мақолоти худ чунин иброз медорад: “Гоҳ-гоҳ як калимаи оддӣ, тамоми ҷаҳонбинӣ, як фарҳангро дар худ дорад”. Ӯ ҳамеша мисолҳое аз зиндагии воқеӣ меовард ва мегуфт: “Вақте касе мақол ё масал мегӯяд, на танҳо як ҷумла мегӯяд, балки таҷрибаи зингдагии наслҳоро интиқол медиҳад”. Ӯ ҳамеша ба шогирдон мегуфт, ки диққат кунанд, чунки забон оинаи фикру руҳи мардум аст. Ҳар як ҷумла як ҳаёт аст. Устод ба шогирдон ёд медод, ки матнҳо на танҳо ҳарф ва калима, балки таҷрибаи зиндагии наслҳо мебошанд.

Устод Гулзода инсоне буданд бо дили меҳрубон ва қалби дардманд. Ӯ барои ҳар касе ки ба раҳнамоӣ, машварат ва дилгармӣ ниёз дошт, то ҷое, ки метавонист, дасти ёрӣ дароз мекард. Эҳтиром гузоштан ба дигарон, хоҳ пир бошаду хоҳ ҷавон, яке аз хусусиятҳои аслии ӯ буд.

Ӯ бо тамоми ҳастӣ мешунид, бо оромӣ сухан мегуфт ва бо меҳрубонӣ дилҳоро ба даст меовард. Ин эҳтиром шаҳодати эътиқоди ӯ ба арзиши ҳастии ҳар инсон буд. Ҳар касе ки бо ӯ рубару мешуд, гармии табассум ва нурҳои муҳаббатро дар нигоҳаш эҳсос мекард. Ҳатто касоне, ки хатомекарданд ё шубҳае доштанд, ӯ то метавонист, бо оромӣ роҳ нишон медод.

Ростқавлӣ дар сухан, масъулиятпазирӣ дар рафтор ва муҳаббат ба илму ба инсон дар ӯ якҷоя буданд. Ӯ на танҳо муҳаббат дошт, балки ҳаёти худро бо он ҳамоҳанг сохта буд. Барои донишҷӯён устоде буд, ки бо рафтор ва одоби худ дарси адолат ва меҳрубонӣ медод ва ба ҳама меомухт, ки илм ва ахлоқ бояд ҳамоҳанг бошанд.

Устод Гулзода малакаи фавқуллода дар шоирӣ дошт. Шеъри ӯ баланд ва пурмазмун буд. Дар онҳо ҳам дарди замон, ҳам муҳаббати инсон ва ҳам андешаҳои фалсафӣ ҷорӣ буд. Қаламаш нарм, омехта бо эҳсос ва ҳикмат буд ва истифодаи забони пок ва ширини тоҷикӣ дар ашъораш ҷилои хос дошт.

Ҳар кас шеърҳои ӯро мехонд, дармеёфт, ки ин сухан аз дили пур аз нур, ҳикмат ва муҳаббати инсонӣ мебарояд. Баъзан дар ҷаласаҳои илмӣ ва адабӣ бо овози нарм шеър мехонд ва моро ғарқ дар андеша ва ҳисси зебоӣ мекард. Ин лаҳзаҳое буданд, ки илм, санъат ва ҳаёти инсониро ба ҳам мемехтанд.

Ҳарчанд Наврузи азизи мо дар канори мо набошанд,, аммо мероси ӯ зинда аст дар мақолаҳо, китобҳо, дониш ва ахлоқи мо.

Ёди устод Навруз Гулзода барои мо ҳамеша зинда хоҳад буд. Ҳар донишҷуе, ки дар зери сояи ӯ рушд кардааст, ҳар пажуҳише, ки бо роҳнамоиҳои ӯ шакл гирифтааст, ҳар мақола ва китобе, ки аз асарҳои ӯ илҳом гирифтаст, идомаи зиндагии ӯст.

Ҳузури ӯ, гармии нигоҳ ва табассуми меҳрубононаи ӯ дар фазои Донишгоҳ, дар хотираҳо, дар ёдҳои дустону ҳамкоронаш ҳамеша ҷорӣ аст. Мо ҳар лаҳзае, ки шеърҳои ӯро мехонем, боз ҳузури ӯро эҳсос мекунем. Ёди ӯ на танҳо дар зеҳни мо, балки дар дилҳо ва рафторҳои мо боқӣ мемонад ва ин ҷараёни зинда беҳтарин эҳтиром ба ҳаёт ва кори устод Навруз Гулзода аст.

Бошад, ки руҳи баландаш ором гирад ва роҳе созем, ки сазовори ёди ӯ бошад. Ин китоби ёдбуд ва ҳар матни он, ки дар бораи ӯ навишта мешавад, танҳо қатрае аз баҳри бузурги шахсият, фазилат ва таъсири ӯст.



**Умринисо Казакова,**
**профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт**

# САДА – ҶАШНИ НУР, ГАРМӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Ҷашни Сада яке аз ҷашнҳои қадимаи мардумони ориётабор ба шумор рафта моҳияти аслии онро пирӯзии рӯшноӣ бар торикӣ, гармо бар сармо ва некӣ бар бадӣ ташкил медиҳад. Дар марҳилаҳои гуногуни таърих ниёгони мо ин ҷашнро бо анъанаҳои зебояш таҷлил менамуданд, ки дар маркази он афрӯхтани оташ нақши калидӣ дошт.**

Бояд қайд намуд, ки омӯзиши ҷашнҳои бостонӣ яке аз роҳҳои муҳимми шинохти тафаккури таърихӣ, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои фарҳангии миллатҳо ба шумор меравад. Маврид ба зикр аст, ки ҷашни Сада ҳамчун яке аз куҳантарин ойинҳои ориёӣ дорои аҳамияти вижаи таърихӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Сада на танҳо маросими суннатӣ, балки падидаест, ки робитаи инсон, табиат ва ақлро инъикос мекунад.

Дар таърихи тамаддуни ориёинажодон ҷашнҳо танҳо маросими фароғатӣ набуда, балки оинаи ҷаҳонбинӣ, дониши табиатшиносӣ ва низоми ахлоқии ҷомеа маҳсуб мешуданд. Дар радиф Сада яке аз куҳантарин ва пурҳикматарин ҷашнҳои ниёгони мо мебошад, ки рамзи пирӯзии нур бар зулмот, гармӣ бар сардӣ ва ақл бар ҷаҳолат дониста мешавад.

Тибқи таҳқиқоти таърихиву забоншиносӣ, вожаи «Сада» аз шумораи сад бармеояд ва ба маънии 50 шабу 50 рӯз (дар маҷмуъ 100) боқӣ мондан то фарорасии Наврӯз шарҳ дода мешавад. Абурайҳони Берунӣ дар асари машҳури худ «Осор-улбоқия» Садаро яке аз ҷашнҳои муҳими



**Давлатшо Каримзода, сардори шуъбаи тарбия, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

эронинажодон дониста, онро бо гардиши офтоб ва тағйири марҳилаҳои сол вобаста медонад. Ба ақидаи ӯ, чунин ҷашнҳо натиҷаи дониши астрономӣ ва мушоҳидаҳои дақиқи табиат мебошанд.

Дар сарчашмаи адабӣ, бахусус дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, пайдоиши Сада ба шоҳи пешдодӣ Ҳушанг нисбат дода мешавад. Фирдавсӣ менависад, ки Ҳушанг ҳангоми бархӯрд бо аждаҳо ба таври тасодуфӣ оташро кашф мекунад ва ин кашфиёт оғози марҳилаи нави зиндагии инсон мегардад. Ин ривоят рамзи гузариши инсон аз ваҳшоният ба тамаддун ва аз торикӣ ба рӯшноии хирад аст.

Сада аз нигоҳи файласуфон ва мутафаккирони форсу тоҷик ба таври мушаххас низ арзёби гаштааст, ки асосан фалсафаи ин ҷашни ниёгонӣ дар фалсафаи иҷтимоиву ахлоқӣ ва хиради ба ҷой гузоштаи аҳли илму адаби форсу тоҷик ба хусус дар хираду ҳикмати эронитаборон дарёфт намудан мумкин аст.

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори дигар арзишҳои таърихию фарҳангӣ ҷашни Сада низ эҳё гардид. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22 декабри соли 2017 зикр гардида буд, ки: «Суннату оинҳои нек ва ҷашнҳои миллии мо, мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада дар тули таърих барои тарғиби ахлоқу маънавиёти созанда хизмат кардаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ҷашни Сада бо ибтикор ва дастгирии бевоситаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қолаби нав ва бо асли хеш эҳё гардид. Дар робита ба ин ҷашни таърихӣ Сарвари давлат борҳо дар суханрониҳои худ таъкид намудаанд, ки ҷашнҳои бостонии мо аз қабили Наврӯз, Меҳргон ва Сада шоҳсутунҳои фарҳанги миллӣ мебошанд ва пос доштани онҳо пос доштани таърих ва ҳувияти миллат мебошад.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр менамоянд, ки эҳёи Сада на танҳо бозгашт ба суннатҳои гузашта, балки омили муҳими тарбияи насли наврас дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, хештаншиносӣ ва эҳтиром ба табиат мебошад. Ба таъкиди Президенти маҳбуби кишвар, ин ҷашнҳо мардумро ба зиндагии созанда, ваҳдат ва ҳамбастагии иҷтимоӣ ҳидоят мекунанд.

Ҳамин аст, ки аз нигоҳи илмӣ, Сада ба даврае рост меояд, ки пас аз он тағйироти назарраси иқлимӣ ба амал меояд: аз ҷумла рӯзҳо тадриҷан дароз шуда, замина барои фаъолияти кишоварзӣ фароҳам мегардад. Маврид ба зикри хос аст, ки оташафрӯзӣ дар Сада маънии поксозӣ дорад: поксозии муҳит, андеша ва ҷомеа аз сардӣ, торикӣ ва ором гирифтан мебошад. Ин мафҳум имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст, зеро ҷомеаи муосир ба рӯшноии дониш, гармии инсондӯстӣ ва масъулияти экологӣ ниёз дорад. Ниёгони гузаштаи мо бо таҷрибаи амалӣ ва донишҳои табиатшиносӣ ин марҳиларо муайян намуда, онро бо маросими рамзӣ таҷассум мекарданд.

Тавре зикр намудем дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати Истиқлоли давлатӣ, соҳибихтиёр гардидани миллати тоҷик бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлили ҷашни Сада боз расмӣ гардид ва ҳамасола онро дар ҷумҳурӣ бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн мегиранд, ки ин гуна иқдомҳои накӯ, боиси таҳкими хотираи таърихӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ мегардад.

Ҳар ки дониш ба даст оварад, бо ҷаҳолат мубориза бурда метавонад.
Ҳофизи Шерозӣ

№01 (1091)
31 январи соли 2026

# МАҚОМИ ЗАН ДАР ҶОМЕА



**Имрӯз дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳои мушаххасро бо мақсади баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа, таъмини риояи ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо, густариши фаъолияти ҷамъиятию меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои демографӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, пешбарии онҳо ба мансабҳои роҳбарикунанда амалӣ гардонида истодааст. Ҳуқуқҳои занон қисми таркибии ҳуқуқҳои умумии инсон мебошанд. Фароҳам овардани шароит барои иштироки ҳамаҷониба ва баробарии занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа самти афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз вохӯриҳои худ бо занони фаъолу эҷодкори мамлакат чунин ифроз доштанд: “Давлате, ки нисбат ба модар – сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли инсонӣ бепарво бошад,ояндаи худро аз даст медиҳад”. Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати иҷтимоии худ бо мақсади ҳалли бисёр масъалаҳои марбут ба ҳаёти занон як қатор барномаҳои муҳими давлатиро амалӣ намуд, ки барои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа нақши босазо доранд.

Хушбахтона, аз оғози соҳибистиқлолии кишвар бо талошу кӯшишҳои пайвастаи Сарвари давлат яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумат баланд бардоштани ҳуқуқи зан ва мақоми ӯ дар ҷомеа буд. Ҷиҳати ҳалли ин масъала Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати пешбарандаи рушди баробар ва одилонаи ҷинсҳоро тавассути мустаҳкам кардани мавқеи зан бо меъёрҳои конститутсионӣ ва минбаъд такмил додани онҳо тавассути қонунҳои соҳавӣ пеш гирифт. Ин барои баланд бардоштани ҳуқуқ ва мақоми зан дар ҷомеаи Тоҷикистон асос гардид.

Дар баробари ин, дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр гардидааст, ки дар лаҳзаҳои ҳассос занони тоҷик дар қатори мардон мардонагиву шуҷоат ва қаҳрамонӣ нишон додаанд. Намунаи ин қаҳрамониҳоро дар фаъолияти Малика Томирис, қаҳрамониҳои Рухшона, чил духтари покдомани хатлонӣ, ҷонфидоиҳои Гурдофарид ва ватандӯстии Ойгул Муҳаммадҷонова, духтари Октябр Низорамоҳ Зарипова дида метавонем.

Дар осори бузургони ҷаҳон низ нақши зан-модари диловару қаҳрамон, ватандӯсту озодихоҳ, соҳибиродаву рисолатшинос ҷойгоҳи арзанда ва хосса дорад. Модар на танҳо ба фарзанди худ ҳаёт мебахшад, балки дар сиришти ӯ хислатҳои накутарини инсониро бо шири поки худ ҷой медиҳад. Дар зиндагӣ пешоҳанг будани зан ва маърифатнок буданаш имкон медиҳад, ки сатҳи маънавии оила баланд шуда, кӯдакон ва дигар аъзои хонавода маърифатнок тарбият ёбанд. Ин талабот асоси фарҳанги оиладориро ташкил медиҳад. Пеш аз он, ки фарзандон ба ҳаёти мустақилона гусел карда шаванд, онҳо бояд аз нозукиҳои оиладорӣ, одоб, муошират, муносибат, хуллас аз маҷмуи талаботи моддию маънавӣ огоҳӣ дошта бошанд.

Маърифати зан ба фарзандонаш таъсири амиқ расонда, агар модар китобхон, боиффат, бомаърифат ва донишманд бошад, фарзандон низ майл ба донишу маърифат карда, хислатҳои неки модарашонро дар худ парвариш медиҳанд ва ба модарашон пайравӣ мекунанд. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат тамоми тадбирҳоро роҳандозиву амалӣ намуд, ки мақом ва ҷойгоҳи иҷтимоии занону бонувонро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешрафти давлат баланд бардорад.

Боиси хушнудӣ ва ифтихори мо занон ҳаст, ки имрӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба занону бонувон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Бояд қайд кард, ки 50 дарсади аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро занон ташкил медиҳанд ва таваҷҷуҳ ба шуғли онҳо сол то сол афзоиш ёфта, дар пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат нақши муассир мебозанд. Аммо дар замони ҳозира талабот ва фаъолияти занон дар корҳои давлатӣ бештар аст. Зиёдтар ҷалб кардани бонувон ба кор дар муассисаҳои тиббӣ, давлатӣ ва хидмати давлатӣ, соҳибкорӣ ва ғайра судманд арзёбӣ мешавад. Хушбахтона, бо ташаббусҳои наҷибонаи Пешвои миллат солҳои охир мардум ба ин масъала бо диди нав, бо назари тоза менигаранд. Дар давраи пеш аз соҳибистиқлолии кишвар дар навоҳии дурдасти мамлакат шумораи занҳои хонашин ва духтарони аз таҳсил дурмонда хеле зиёд буд. Занҳо имкони аз хона берун шудан ва ё ба ягон кори давлатӣ машғул шуданро надоштанд. Имрӯз тарбияи занони бомаърифатро қабл аз ҳама бояд дар оила ва мактаб мақсаднок ташкил намоем. Манзур аз ин иддао робитаи зичи мактаб ва оила мебошад. Ин ду ниҳод метавонанд дар алоқамандӣ тарбияи фарҳанги оиладорӣ, касбомӯзӣ ва соҳибилм шудани духтаронро, ки занону модарониояндаи моянд, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд.

Маврид ба зикр аст, ки ҳамасола тавассути Квотаи Президентӣ садҳо духтарон – хатмкардаҳои дабистонҳои деҳот дар донишгоҳҳо ба таҳсил фаро гирифта шуда, ҳамчун кадрҳои зарурӣ ба маҳалҳо сафарбар мешаванд. Онҳо ба кору вазифаҳои масъулиятноки давлатӣ таъмин гардида, аз кӯмаку дастгирӣ ва ғамхориҳои падаронаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори қаноатмандӣ менамоянд. Аксари ин духтарон андешаи солиму созанда дошта, баояндаи дурахшони ин миллати куҳанбунёд бо назари нек менигаранд. Онҳо роҳбарони соҳибкасбу соҳибтаҷриба ва кордон, модарони мушфиқу меҳрубон, ҳамсарони вафодор буда, барои ба даст овардани мақсад аз ҳеҷ гуна шебу фароз ҳаросе надоранд. Бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳӣ ва иродаи шикастнопазир маърифатнокиро шарти муҳими комёб шудан меҳисобанду рисолати бузурги ватандориро бар душ гирифтаанд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки имрӯз зани тоҷик бо хираду офаридгорӣ, меҳру муҳаббат, самимият, тамкину сабр, иффату ахлоқи ҳамида, тарбиятгарию бунёдкорӣ неруи бузург ва созандаи ҷомеаро роҳнамоӣ карда метавонад. Ин аст, ки нақши созандаи зан-модар дар ҷомеаи мо эътирофшуданист ва бошад, ки ин масъалҳои роҳи маърифат ва ободкориҳоро ҳамеша фурӯзону тобанда бубинем. Умуман бароиояндаи дурахшони оилаву тарбияи насли наврас ва ободии ҷомеа зани тоҷик ҳамеша омода аст.

**Насруллозода Адиба,**
**китобдори дараҷаи 1,**
**Китобхонаи ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

# БАРДОШТ АЗ ПАЁМ: ҶАВОНОН ПОЙДЕВОРИ КОХИ МИЛЛАТ

**«Шумо – ҷавонон бояд хуб дарк намоед, киояндаи тақдири халқу давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол ба дӯши шумо гузошта мешавад. Ин рисолати хайр, яъне ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда бегазанд ба мерос гузоштани сарзамини аҷдодӣ ва Ватани азизи хеш масъулияти бузург дорад ва ҳар яки шуморо вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, пойдориву устувории давлати соҳибихтиёри худ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ кӯшишу талош намоед».**



**Тоирзода Абдубасири Раҳим,**
**магистранти курси 2-и факултети филологияи тоҷик**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози Истиқлоли тоҷикон дар ҳамаи паёмҳои солона пайваст таъкид менамояд, ки ҷавононояндасози давлат мебошанд. Дар замони Истиқлол ҷавонон зери ғамхории Пешвои миллат дар ҷомеа мақоми хосса пайдо намуданд. Маҳз, чунин ғамхорӣ буд, ки соли 2017 Соли ҷавонон аз ҷониби Сарвари давлат эълон гардид: «Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад».

Дар вохӯрӣ бо ҷавонони кишвар 21-уми майи соли 2005 Президенти мамлакат таъкид намуда буданд, ки «Шумо – ҷавонон барои тақдири имрӯзуояндаи давлату миллат, рушду ободии мамлакат, дар арсаи ҷаҳон ва миёни давлатҳои мутамаддини олам мақоми шоиста ёфтани Тоҷикистони азиз масъулияти бузург бар дӯш доред».

Ин таъкиди Ҷаноби Олӣ моро водор месозад, ки доир ба дастовардҳои миллати куҳанбунёди тоҷик маълумоти пурра дошта бошем ва доир ба арзишҳои миллиамон муносибатамон ҷиҳати арҷгузории онҳо на танҳо дар дохил, балки дар хориҷи кишвар тақвият диҳем. Чун парчамбардор ва неруи созанда дар ҳамаи ҷабҳаҳо фаъол бошем ва тавонем сазовори боварии Пешвои миллат гардем.

Ҳамасола 23-юми май дар ҷумҳурӣ Рӯзи ҷавонон таҷлил карда мешавад, ки ин барои ҳар як ҷавони тоҷик басо хотирмон мебошад.

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи ҷавонон далели равшани таваҷҷуҳ ва ғамхории давлат ба ҳаёти ҷавонон ҳамчун неруи созандаи кишвар мебошад. Ҷавонон дар мамлакати мо воқеан неруи асосии ҷомеа буда, нисбат ба дигар табақаҳои иҷтимоӣ бештар фаъоланд:

«Зеро ҷавонони мо неруи асосии пешбарандаи ҷомеа мебошанд ва мо бо ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии онҳо ифтихор мекунем».

Дар даврони Истиқлол ҷавонони тоҷик чӣ дар дохил Тоҷикистон ва берун аз он барои гулгулшукуфоии миллату давлат ҳамеша кушиш намуда, аз давлати соҳибихтиёр ва Пешвои ҷавонпарвари худ ифтихор менамоянд.

«Имрӯз ҷавонони мо бо кору фаъолияти созандаи худ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвари соҳибистиқлоламон саҳми бузург доранд».

Аз таърихи замони Истиқлол медонем, ки Сарвари давлат худ дар айёми ҷавонӣ ба сари ҳокимият омада буданд, аз ин лиҳоз ҷавонон ин шахсиятро идеали худ қарор дода ҳамеша кушиш менамоянд, ки пайрави мактаби далатдории Пешвои миллат бошанд.

«Ҳоло дар кишварамон соҳае нест, ки ҷавонон дар он нақши фаъол надошта бошанд».

Муҳтарам Ҷаноби Олӣ дар Паёми навбатии худ ба шахсони болои ҷомеа барои шароиту имконоти хуб фароҳа овардан нибат ба кӯдакону наврвсон ва ҷавонон таъкид карда гуфтанд, ки: «Мо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҳаёти кӯдакон ва наврасону ҷавонон фароҳам овардани шароиту имкониятҳои боз ҳам беҳтари таҳсил ва кору фаъолият барои онҳо, яъне наслҳоиояндасози миллат ва Ватан минбаъд низ чораҷӯйӣ менамоем».

«Мо сиёсати давлатии кор бо ҷавононро ҳамчун самти калидӣ дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат арзёбӣ намуда, барои самаранок амалӣ гардидани он аз тамоми имкониятҳо истифода карда истодаем».

Ҷавонон дар ҳама самт, аз ҷумла, олимпиадаҳои фаннии байналмилалӣ, мусобиқаҳои варзишии байналмилалӣ тайи чанд соли охир ба бисёр пирӯзиҳо ноил гаштанд, ки ин ҳамааш зери сиёсати ҷавонпарваронаи Пешвои миллат мебошад.

«Мо умедворем, ки ҳар як ҷавони бонангу номуси кишвар омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар ва меҳнати самарабахшро вазифаи ҷонии худ дониста, дар оянда мавқеи сазовори худро дар ҷомеа пайдо мекунад ва дар таҳкими ваҳдати миллӣ, истиқлоли давлатӣ ва рушду ободии Ватани азизамон саҳми арзанда мегузорад».

Ҷавонони даврони Истиқлол дар ҳама соҳаҳои илм ба бисёр комёбиҳо ноил гаштаанд, ки ин дар як муддати кӯтоҳ дастоварди беназир мебошад. Дар айни замон шумараи номзадҳо илм, докторҳли илм ва профессорон аз ҳисоби ҷавонон афзудааст. Ҷавонони мо дар соҳаи илму техника низ бисёр хуб кушиш доранд, маҳз чунин кушишҳо буд, ки Ҷаноби Олӣ озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат»-ро роҳандозӣ намуданд, ки дар муҳлати кӯтох самараи хубе ба бор овард.

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ

**(дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 16 декабри 2025)**



**Қобилҷонзода Комилҷон,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 16 декабри соли 2025 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, дар низоми сиёсии кишвар ҷойгоҳи оддии “гузориш” надорад, балки он санади барномавӣ ва дар айни замон механизми идоракунии стратегӣ мебошад. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун санади барномавии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат хизмат мекунад. Паём дар чунин формати давлатдорӣ на танҳо вазъи воқеии кишварро тавсиф мекунад, балки самтҳои бунёдӣ ва тартиби иҷрои онҳоро барои ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеа муайян месозад.**

Дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир, ки бо ноустувории иқтисодӣ, шиддат гирифтани рақобат, тағйирёбии занҷираҳои таъминот ва таҳдидҳои нави амниятӣ тавсиф меёбад, Паёми Роҳбари давлат ҳамчун воситаи мутобиқсозии сиёсат ба воқеият амал мекунад. Ин ҷо сухан танҳо дар бораи тасвири “мушкилот” намеравад, балки дар бораи пешниҳоди роҳҳои ҳалли давлатӣ ба мушкилот аст.

Меҳвари иқтисодӣ дар Паём маънои онро дорад, ки рушди миллӣ наметавонад танҳо бо нишондиҳандаҳои ҷудогонаи афзоиш маҳдуд шавад он ниёз ба тағйири сифатӣ дорад. Таъкид ба стратегияи рушди иқтисод, афзоиши истеҳсолоти ватанӣ, коркарди ашёи хом ва афзоиши арзиши иловашуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давлат ба масъалаи сохтори иқтисод ҳамчун масъалаи истиқлолияти воқеӣ менигарад. Дар ин маврид саноатикунонии босуръат танҳо як шиор набуда он модели нави рушди миллӣ аст, ки дар он истеҳсол, ҷойҳои корӣ, муҷаҳҳазгардонӣ ва рақобатпазирӣ ба ҳамдигар вобаста мешаванд. Дар чунин мантиқ, иқтисод на танҳо соҳаи истеҳсол, балки такягоҳи суботи иҷтимоӣ ва буҷетии давлат мебошад.

Ҳамзамон, Паём масъалаҳои иҷтимоиро ба сифати “меъмории субот” муаррифӣ мекунад. Дар илмҳои сиёсӣ ва иқтисоди ҷамъиятӣ маъмул аст, ки суботи сиёсӣ бе адолати иҷтимоӣ осебпазир мемонад, бинобар ин, сиёсати иҷтимоӣ дар давлатҳои рушдёбанда на камтар аз сиёсати иқтисодӣ аҳаммият дорад. Баррасии ҳифзи иҷтимоӣ, беҳтарсозии сатҳи зиндагӣ ва дастгирии қишрҳои осебпазир нишон медиҳад, ки давлат суботро ҳамчун натиҷаи ҳамзамонии афзоиши иқтисодӣ ва тақсимоти одилонаи имкониятҳо мефаҳмад. Баланд бардоштани музди меҳнат, агар онро дар доираи назарияи сиёсати давлатӣ бинем, воситаи таҳкими сармояи инсонӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии меҳнатӣ мебошад, ки он ба сифати унсури пайвасткунандаи иқтисод ва иҷтимоиёт кор мекунад, то «рушд» дар сатҳи маишат ва сифати зиндагӣ эҳсосшаванда гардад.

Ҷойгоҳи маориф ва илм дар Паём аз нигоҳи методологӣ нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ ба модели донишбунёд майл дорад. Вақте маориф ҳамчун сармоягузорӣ баояндаи миллат таъкид мешавад, маънои он дорад, ки давлат маорифро на хароҷоти буҷетӣ, балки сармояи стратегӣ мешуморад. Дар муҳити рақобатии ҷаҳонӣ нерӯи инсонӣ ба сарчашмаи асосии тавоноии миллӣ табдил ёфтааст ва аз ин рӯ, баланд бардоштани сифати таҳсилот, навсозии барномаҳои таълимӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва омодасозии кадрҳои соҳибихтисос на танҳо вазифаи соҳа, балки вазифаи амнияти миллӣ аст. Ин андеша дар худ як паёми идеологӣ ҳам дорад, зеро бояд, ки ҷомеаи пешрафта бо омӯзгор, дониш ва фарҳанги илмпарвар сохта мешавад, на бо тасодуф.

Дар ҳамин ришта, таваҷҷуҳ ба ҷавонон ҳамчун қувваи пешбарандаи ҷомеа хусусияти ҷудогона дорад, ки ҳам сиёсати иҷтимоӣ аст ва ҳам сиёсати давлатсозӣ. Таҳсил, шуғл, тарбия дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ механизмест, ки ҳам ҳувияти миллӣ ва ҳам устувории институтсионалиро тақвият медиҳад. Ватандӯстӣ дар ин ҷо мафҳуми эҳсосӣ боқӣ намемонад, чун он ба маҷмӯи хислатҳои шаҳрвандӣ, интизом, меҳнатдӯстӣ, эҳтиром ба қонун ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ табдил меёбад.

Идеологияи миллӣ дар сиёсати ҷавонон нақши меҳварӣ мебозад, зеро маҳз тавассути он арзишҳои давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳпарварӣ ва эҳтиром ба рамзҳои истиқлолият ба шуури насли ҷавон ворид мегарданд. Тарбияи ватандӯстӣ дар ин замина на бо шиор, балки бо амал ташаккул меёбад, ки тавассути эҳтиром ба қонун, масъулият дар назди ҷомеа, муносибати содиқона ба меҳнат ва омодагӣ барои хидмат ба манфиатҳои миллӣ. Чунин ватандӯстӣ хусусияти эҳсосии муваққатӣ надорад зеро он ба меъёри рафтори шаҳрвандӣ табдил меёбад ва дар амалияи ҳаррӯзаи зиндагӣ зоҳир мешавад.

Аз як нигоҳ, ин равиш ба сиёсати ҷавонон як модели идеологии устуворро инъикос мекунад, ки дар он инсон на танҳо объекти ғамхории давлат, балки субъекти фаъоли рушди миллӣ мебошад. Вақте ҷавонон бо арзишҳои миллӣ, таърихи давлатдорӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ ба воя мерасанд, институтҳои давлатӣ низ устувортар мегарданд, зеро онҳо ба такягоҳи иҷтимоии боэътимод соҳиб мешаванд. Дар чунин низом, ватандӯстӣ ба унсури амнияти миллӣ табдил ёфта, идеологияи миллӣ ҳамчун воситаи ҳамгироии ҷомеа ва пешгирии парокандагии арзишӣ амал мекунад. Маҳз ҳамин пайванд миёни тарбия, идеология ва ватандӯстӣ заминаи ташаккули ҷомеаи устувор ва давлатдории пойдорро фароҳам месозад.

Фарҳанг ва забони давлатӣ дар мантиқи Паём ҳамчун сутуни ҳувияти миллӣ ва идомаи таърихии давлатдорӣ баромад мекунанд. Агар сиёсати иқтисодӣ “ҷисм”-и рушди давлат бошад, фарҳанг ва забон «руҳ»-и он мебошанд. Таваҷҷуҳ ба мероси таърихӣ, ташаббусҳои фарҳангӣ, китобхонӣ ва таҳкими хотираи таърихӣ нишон медиҳад, ки давлат маънавиётро унсури амнияти миллӣ мешуморад. Таваҷҷуҳи махсус ба мероси таърихӣ, ташаббусҳои фарҳангӣ, рушди китобхонӣ ва таҳкими хотираи таърихӣ далели он аст, ки давлат маънавиётро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ ва унсури муҳими муқовимати идеологӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ мекунад. Дар ин равиш, фарҳанг танҳо соҳаи эҷодӣ нест балки он майдони тарбияи тафаккури миллӣ, ҳифзи арзишҳои анъанавӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии ватандӯстона мебошад. Забони давлатӣ дар навбати худ ҳамчун рамзи соҳибистиқлолӣ, воситаи ваҳдати миллӣ ва абзори интиқоли идеологияи миллӣ нақши калидӣ мебозад.

Аз нигоҳи таҳлили сиёсӣ ва фарҳангшиносӣ, давлате, ки рамзҳои миллӣ, забони давлатӣ ва хотираи таърихии худро ҳифз ва таҳким мебахшад, на танҳо гузаштаи худро пос медорад, балки барои ояндаи худ пояи устувор мегузорад. Зеро маҳз дар заминаи фарҳанг ва забон арзишҳои давлатдорӣ ба шуури ҷамъиятӣ ворид мегарданд, эҳсоси тааллуқ ба Ватан тақвият меёбад ва муқовимат ба таҳдидҳои фарҳангӣ ва идеологӣ таъмин мегардад. Ба ҳамин тартиб, фарҳанг ва забон дар Паём ҳамчун нерӯи муттаҳидкунанда ва кафили идомаи давлатдории миллӣ маънидод мешаванд, ки бе онҳо рушди устувор ва пойдории сиёсӣ тасаввурнопазир аст.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунон ки дар Паём ва таҳлилҳои стратегӣ ифода мешавад, на танҳо маҷмӯи муносибатҳои дипломатӣ, балки пойгоҳи устувори амният, рушди иқтисодӣ ва нуфузи миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Дар замони муосир, ки масъалаҳо аз минтақаӣ то умумиҷаҳонӣ ба ҳам пайвастанд, самтҳои сиёсати хориҷӣ бояд ба манфиатҳои иқтисодӣ, амниятӣ, иҷтимоӣ ва ҳувиятӣ хизмат кунанд, ва дар ҳамин замина Тоҷикистон солҳои охир таваҷҷӯҳи калонро ба мавзӯъҳои глобалӣ ва минтақавӣ ҷалб кардааст.

Аз ҷумла, «Дипломатияи об» яке аз самтҳои хоса ва беназир дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон шудааст. Ин навъ дипломатия нишон медиҳад, ки кишвари мо на танҳо ба ҳимояи манфиатҳои минтақавӣ машғул аст, балки барои ҳалли мушкилоти глобалӣ низ саҳм мегузорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Мақомоти кишвар дар сатҳи СММ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ташаббусҳои зиёдеро ҷорӣ кардаанд, ки пахш ва арзи назар сохтани масъалаи об ҳамчун омилҳои рушди устувор, сулҳ, ҳамкорӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд. Аз ҷумла, Тоҷикистон қаблан солҳои 2005–2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” эълон кард ва ин ташаббус аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ қабул шуд. Дар пайравӣ аз ин, солҳои 2018–2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” муайян шудааст, ки ҳадафаш ҳамоҳангсозии чорабиниҳо барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба об мебошад. Ин иқдомҳо нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ нақши фаъол дорад ва масъалаҳои обро ҳамчун унсури муҳимми амнияти глобалӣ ва рушди устувор ба мадди аввал мебарад.

Дар ҳамин замина, ташаббуси ҷаҳонии “Water Diplomacy: from the first step to global partnership”, ки ба ташвиқи ҳамкорӣ, таҳқиқот ва мубодилаи маълумот дар бораи истифодаи захираҳои об равона шудааст, мақоми Тоҷикистонро ҳамчун шарики бонуфуз дар мубориза бар зидди мушкилоти об дар ҷаҳон тақвият медиҳад. Дар ин ташаббус як қатор санадҳои СММ, суханрониҳои Дабири кулл ва маводи илмӣ дохил шудаанд, ки аз ҳисоби фаъолияти роҳбарияти давлат ва Вазорати корҳои хориҷӣ ҷамъ оварда шудаанд.

Дар ҷараёни сиёсати хориҷӣ Тоҷикистон ба масъалаҳои муҳими глобалӣ, аз ҷумла ҳифзи пиряхҳо ва тағйирёбии иқлим низ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд. Масъалаҳои об ва пиряхҳо дар сатҳи СММ ва форумҳои байналмилалӣ баррасӣ мешаванд, ки ин худ нишондиҳандаи ҷиддияти Тоҷикистон дар пешбурди рӯзномаи глобалӣ мебошад. Натиҷаи чунин дипломатияи фаъол ин аст, ки Тоҷикистон имрӯз дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун шарики боэътимод ва фаъоли ҳамкорӣ дар масъалаҳои глобалӣ шинохта мешавад, на танҳо тавассути муҳофизати манфиатҳои миллӣ, балки тавассути пешниҳодҳои амалии ҳамкорикунанда барои ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ. Ин равиш сиёсати хориҷиро аз маҳдудиятҳои классикии дипломатӣ берун мебарад ва онро ба ҷузъи муҳими модели рушд, амният ва нуфузи миллӣ табдил медиҳад.

Дар маҷмуъ, Паёмро метавон ҳамчун санади ҳамгирокунандаи иродаи сиёсӣ ва механизмҳои иҷро арзёбӣ кард. Қувваи он дар он аст, ки ҳадафҳоро бо масъулият пайваст мекунад, ки аз мақомоти давлатӣ иҷро аз ҷомеа ҳамсафӣ ва аз ҳар шаҳрванд ҳисси саҳмгузорӣ мехоҳад. Дар ин фаҳмиш, рушди устувор танҳо натиҷаи қарорҳои боло нест, балки он натиҷаи ҳамкории институтҳо ва шаҳрвандон аст. Агар ин ҳамоҳангӣ воқеан таъмин гардад, Паём аз матни сиёсӣ ба практикаи давлатдорӣ табдил меёбад ва маҳз дар ҳамин гузариш арзиши асосии он ошкор мешавад.

# НАҚШИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич,**
**номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

**Воқеъан, ба шарофати истиқлолияти давлатӣ барои боз ҳам таҳкимёбии худшиносии миллӣ ва озодиву ифтихори миллӣ шароити мусоид фароҳам омад. Маҳз пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба омӯзиши таъриху фарҳанг, адабиёт ва суннатҳои миллӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мегардад.**

Президенти кишвар аз ҳамбастагии фарҳанги милливу арзишҳои динӣ дар ҳазорсолаи гузашта ва ташаккули онҳо то имрӯз ҳарф зада, ба силсилаи тадбирҳои муҳиме, ки Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон пиромуни арҷгузории воқеъӣ ба арзишҳои динӣ ва фарҳанги исломӣ андешидааст, диққати ҳозиринро ҷалб кард. Бавижа таҷлили ҷашну санаҳои таърихии мутафаккирон ва шахсиятҳои бузурги фарҳангии халқамон, чопи осори таърихию фарҳангӣ, як силсила тадбирҳои дигари сатҳи давлатӣ, ёдрас гардид. Дар радифи ҳамин гуфтаҳо, Президенти мамлакат аз ҷумла қайд кард, ки дар мамлакат 4 ҳазор масҷид, 6 мадраса, як гимназияву як донишкадаи исломӣ амал менамояд. Шумораи ҳоҷиён афзуда бошад ҳам, хурофотпарастиву ифротгароӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, як зумраи онҳо ба амалҳои зишт даст задаанд, ки ин ояндаи хуб надорад. Аз ҷумла Президенти кишвар вобаста ба чунин ҳодисаҳо як масъаларо ба таври қатъӣ чунин хотиррасон кард: «бо хурофот давлат пеш намеравад». Зеро имрӯз воқеъан дар Тоҷикистон барои мардуми мусулмон шароитҳои мусоид фароҳам омадааст. Мусалмонон озодона ҳамаи фарзиятҳои диниро ба ҷо меоранд. Дар Тоҷикистон ба таври ҳамешагӣ арзишҳои динӣ ҳамчун ҷанбаи муҳими фарҳанги миллӣ ва минбаъд ҳамчун воситаи муҳими тарбияи ахлоқӣ, амал менамояд. Дар хусуси дорои таърихи бостонӣ будани тоҷикон суханронӣ намуда, Президенти кишвар бори дигар таъкид намуд, ки тоҷикон таърихи исботшудаи беш аз панҷҳазорсола дошта, ҳанӯз пеш аз зуҳури ислом соҳиби фарҳанги асил ва анъанаҳои қадимаи давлатдорӣ буданд ва ниёгони мо маҳз ба шарофати забон ва фарҳанги бузурги худ тавонистанд анъанаҳои давлатдории хешро нигоҳ доранд ё онҳоро аз нав эҳё намоянд. Воқеъан, дар даврони истиқлолият раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва давраҳои мухталифи он ба марҳалаи таркибан нав ворид гардид. Асарҳои зиёде пиромуни таърихи бостон, асримиёна ва наву навтарини халқи тоҷик ба миён омад, ки саҳифаҳои торики таърихи мардуми шарафманди моро рушан мекунанд.

Аз ҷумла Президенти мамлакат бори дигар нисбати тарбияи ҷавонони имрӯза дар рӯҳияи хештаншиносиву худогоҳии миллӣ ибрози назар намуда, аз ҷумла қайд намуд, ки «дар замони ҷаҳонишавии босуръат мо амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ, зиндагии орому осуда ва устувории пояҳои давлатдории миллиамонро ҳамон вақт пурра таъмин карда метавонем, ки барои баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ пайваста саъю талош варзем ва кӯшиш намоем. ки арзишҳои диниамон барои рушди давлатамон хизмат намоянд ва ба ҳаёти маънавии мо ранги тоза бахшанд. Мо бояд ба наслҳои ҷавон, ки идомадиҳандаи рисолати бузурги таърихии давлатдориамон мебошанд, пайваста таъкид намоем, ки аз таассубу хурофотпарастӣ ва ифротгароиву тангназариҳои диниву мазҳабӣ дур бошанд». Аз назари мо, ин раванд бояд аз мактаби миёна маншаъ гирифта, минбаъд дар макотиби миёнаи касбӣ ва олӣ идома ёбад. Бавижа, омӯзгорони таърих, ҷомеашиносӣ ва забону адабиёти синфҳои болоӣ дар баробари китобҳои дарсӣ бо истифода аз маводи иловагӣ дар замири хонандагон ифтихори ватандорӣ ва худвияти миллиро бедор намоянд. Бояд, ки аз таърих ҳамеша беҳтарин лаҳзаҳоро интихоб намуда, аз корнамоиву диловарӣ, бунёдкориву тамаддунсозии халқи тоҷик мисолҳо оранд. Бузургони миллат, ки дар ҳама давру замон, дар таърих нақши муассир гузоштаанд, бояд намунаи ибрат бошанд. Ҷавонон ҳамеша аз диловарии онҳо илҳом гиранд. Донистани адабиёти классикиву муосир низ бояд дар мадди аввал қарор дошта бошад. Танҳо номбар намудани номҳои классикони адабиёту тоҷику форс ва адибони муосир, ҳанӯз дараҷаи дониш ва ифтихор аз онҳо нест. Як масъалаи хеле нозукро бояд бори дигар ёдрас шавем. Дар мактабҳо низ ба ин масъала ба таври бояду шояд муносибат менамоянд. Бояд, ки аввал падару модарон ба фарзандонашон аз муқаддас будани Ватан, аз диловарии бобову бобокалонашон қисса намоянд. Дар мактаб мо бояд ҷавононро ба ҷавонмардиву ифтихори ватандорӣ бодониш ҳидоят намоем. Ҳамеша аз корнамоиҳои фарзандони фарзонаи миллат, ки дар тӯли зиёда аз 5 ҳазор сол Ватани хешро аз тохтутози аҷнабиён ҳифз кардаанд, мисолҳо орем. Имрӯз чунон бояд омӯхт, ки ҷавонон аз хизмати Ватан «наҳаросанд», балки бо ифтихор ба ҳифзи ӯ бираванд.

Усулҳои таблиғи ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз ҷониби идораҳои дахлдор низ дар сатҳи даркорӣ ба роҳ монда нашудааст. Ду се намоиши телевизионии расмӣ, натиҷаи дилхоҳ нахоҳад дод. Пиромуни ҳифзи Ватан бояд ба таври ҳамешагӣ барномаҳои бадеиву тарбиявӣ таҳия гардад. Бояд беҳтарин намунаи ҳифзи Ватан-Модар ин муборизаи мардуми Шӯравӣ муқобили фашизм дар солҳои Ҷанги бузурги ватанӣ буд. Бавижа диловарони тоҷик дар набардҳои ҷанг то лаҳзаи охирини ҳаёт мардонгӣ нишон додаанд. Маҳз ҳамин давраи таърихӣ, ки мисолҳои беҳтарини ватанпарварӣ дорад, метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Дар макотиби олӣ бошад, бештар донишҷӯёнро ба донишандӯзӣ ҳидоят намуда, тавассути ҷорабиниҳои мухталиф, бавижа гузоришҳо, дарсҳои амалӣ, корҳои илмӣ, бештар ба мавзӯҳои ватанпарварӣ фаро гирифта шаванд. Қатори мавзуоти асосӣ, бояд рисолаҳои хатм ва корҳои дипломӣ мавзӯи Ватанро низ инъикос намояд.

Ғайр аз ин роҳбари Давлати Тоҷикистон ба масъалаи муҳими бурдани корҳои ҷиддии тадқиқотӣ доир ба мақом ва нақши ислом дар ҷомеаи муосир, натанҳо масъалаи сирф илмӣ, инчунин дорои аҳамияти муҳими амалӣ мебошад, дахл намуда, бавижа қайд намуд, ки дар ин самт то ҳанӯз кори назаррасе анҷом дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, ташкилоту муассисаҳои марбута, аз ҷумла кафедраҳои ҷомеъашиносии мактабҳои олӣ ва ҳамаи олимону донишмандони соҳаро вазифадор намуд. Албатта супориши сарвари давлат моро водор менамояд. ки ҳар яке дар соҳаи худ дар ҳамбастагӣ бо нақши ислом дар ҷомеа тадқиқотҳои илмӣ анҷом диҳем. Агар кафедраҳои таърих ҳангоми омодасозии гузоришҳои илмӣ, рисолаҳо, мақолаҳои илмӣ ва китобҳои дарсиву васоити таълимӣ, бештар ба ҷанбаъи нақши ислом дар таърих, аҳамият диҳанд, пас кафедраҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ дар риштаҳои омӯзиши афкори фалсафии ислом, дину мазҳабҳои мухталиф ва фарҳанги исломӣ, кафедраҳои муносибатҳои байналмилалӣ дар мавзӯҳои зарари ифротгароиву террористӣ, низои қавмиву мазҳабҳои ҷаҳони имрӯзаи ислом тадқиқотҳо анҷом диҳанд. Тадқиқотҳое, ки дар макотиби олӣ сурат мегиранд, бояд ба дараҷаи дониши донишҷӯён мувофиқ кунонида шаванд. Яъне ҳамаи омӯзишу тадқиқот бояд дар доирае анҷом дода шаванд, ки донишҷӯён тавонанд аз моҳияти ислом дар тамаддуну ахлоқи мардум бархурдор гарданд, дар вартаи таблиғи мазҳабҳои мухталифу ғаразнок намонанд ва ба ифротгароиву қонуншиканӣ даст назананд. Президенти кишвар маҳз ҳамин нуктаро қайд кард, ки «бузургтарин хатарҳое, ки ҷомеаи муосир таҳдид доранд, таассубу ифротгароӣ, терроризм ва бо мақсадҳои ғаразноки гурӯҳӣ ба тарзи сунъӣ сиёсӣ намудани ислом аст».

Президенти кишвар таваҷҷӯҳи ҳозиринро боз ба як масъалаи муҳим аз назари ислом, арҷгузорӣ намудан ба касбу ҳунар ва илму дониш ҷалб намуда, бавижа нақши имомхатибони масҷидҳои ҷомеи кишварамонро дар ин раванд, хеле муҳим ҳисобид. Ходимони дин ва шахсиятҳои рӯҳонӣ ҳангоми сӯҳбату амри маъруфи хеш бояд ҷавононро дар баробари риояи ахлоқу одоби ҳамидаи инсонӣ ба омӯхтани илму дониш, азхуд кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва ободонии Ватани хеш даъват намоянд. Воқеъан, ҷавонон ҳар қадар босаводу соҳибмаърифат, соҳиби касбу ҳунар ва огоҳу донишманд бошанд,ояндаи Ватан ҳамон қадар обод мешавад ва нерумандии давлат меафзояд. Дар ҳошияи ҳамин гуфтаҳои Президенти кишвар боз ба як масъалаи рӯз таваҷҷӯҳ бояд кард. Солҳои охир тариқи васоти ахбори омма, каналҳои мухталифи телевизионӣ ва шабакаҳои интернетӣ дар хусуси бесаводӣ ва аз касбу ҳунар бархурдор набудани як ида ҷавонони муҳоҷири тоҷик, намоишҳо пахш мегардид. Албатта боиси нигарони будани ин намоишҳо аз ҷониби муассисаҳои мухталифи кишвар борҳо маҳкум гардид. Барои он, ки боз ин гуна намоишҳо пайдо нашаванд, ҷавононе, ки берун аз марзи кишвар мераванд, пеш аз ҳама бояд саводи кофӣ ва касбу ҳунар дошта бошанд. Хушбахтона, ҷавононе ҳастанд, ки имрӯз берун аз марзи ҷумҳурӣ дониш меомӯзанд, касбу ҳунари хешро истифода мебаранд ва дар рушди иқтисодиёту фарҳанги он кишварҳо саҳм мегузоранд ва ба Ватани хеш кӯмак мекунанд. Имрӯз ҳадамоти муҳоҷирати ва дигар идораҳои марбута мекӯшанд, ки ҷавонони соҳибкасб бештар озими давлатҳои дигар шаванд. Вале, ин ҳанӯз кам аст. Мушоҳидаҳои мо дар Федератсияи Руссия нишон дод, ки ашхоси беҳунар ва сарсону саргардон ҳанӯз зиёданд. Мутаассифона, баъзе хатмкунандагони макотиби олии мамлакат берун аз марзи кишвар меравандy аммо натанҳо дар бораи таъриху фарҳанги он кишвар маълумот надоранд, инчунин таъриху фарҳанги худро низ ба дараҷаи лозимӣ намедонанд.

Ҳангоми суханронӣ Президенти мамлакат инчунин ба ҳозирин масъалаҳои дигари ҳаётан муҳими ҷомеаи Тоҷикистон аз ҷумла раҳму шафқат ва дастгирии мустҳоҷону ниёзмандон, ташвиқу тағиб ва фаҳмонидани тарзи ҳаёти солим ба мардум ва махсусан ҷавонону наврасон, пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ ва қонуншиканӣ, ба низом даровардани баъзе расму оинҳои мардумӣ, баланд бардоштани фарҳанги маъракаоройӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ғ. ҷалб намуд.

Дар хотима Президенти кишвар бори дигар пиромуни доман паҳн кардану шиддат гирифтани ифротгароиву терроризм ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ дар ҷомеаи башарӣ изҳори нигаронӣ намуда, даъват ба он кард, ки дар чунин шароит мо вазифадорем, ки барои ҳифзи ҷомеа аз таъсири манфии ҳамагуна зуҳуроти номатлуби хатарзо нигоҳ доштани сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ ва таъмину таҳкими амнияти давлат ва халқамон ҳамеша омода бошем. Ғайр аз ин дар охир таъкид кард, ки вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як роҳбар ва шахси масъул, роҳбарони ҳокимияти маҳаллӣ, фаъолони ҷомеаи кишвар, падару модарон, устодону омӯзгорон, олимону адибон ва умуман аҳли зиё, инчунин ходимони дин ва ҳар як фарди бонангу номус аз он иборат аст, ки арзишҳои олии фарҳангии милливу диниамон - некиву некӯкорӣ, адлу инсоф, хайру саховат ва дастгирии ятимону дармондагонро дар байни мардум, хусусан ҷавонон мунтазам тарғиб намоем.

# ПАЁМ - ИФОДАКУНАНДАИ СИЁСАТИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ УСТУВОРИ МИЛЛӢ



Замира Самадова,
мудири кафедраи таърих ва ҷомеашиносии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ, барномавӣ ва стратегӣ дар низоми давлатдории муосири тоҷикон ҷойгоҳи хосса ва таъйинкунанда дорад. Ин Паём на танҳо ҳисоботи фаъолияти мақомоти давлатӣ дар марҳалаи муайян, балки ифодаи равшани фалсафаи давлатдорӣ, тафаккуриояндабин ва роҳнамои рушди устувори ҷомеа ба шумор меравад. Маҳз дар доираи Паём самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ҳадафҳои стратегӣ, вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва масъулияти муштараки давлату ҷомеа дар роҳи таҳкими истиқлоли миллӣ муайян мегарданд.**

Дар меҳвари Паёми Президенти кишвар масъалаи таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва ҳифзи истиқлол қарор дорад. Пешвои миллат бо таъкиди аҳаммияти сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва амнияти давлат ҳамчун арзишҳои олии ҷомеа, зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои муосири ҷаҳонишавиро бо равиши воқеъбинона ва масъулиятшиносӣ матраҳ менамоянд. Дар ин замина, сиёсати хориҷии мутавозин, густариши ҳамкории судманд бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, иштироки фаъол дар ташаббусҳои байналмилалӣ ва саҳмгузорӣ дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ ҳамчун рукнҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегарданд.

Паём ҳамзамон масъалаҳои рушди иқтисоди миллиро дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Пешвои миллат бо таҳлили амиқ ва воқеъбинонаи вазъи иқтисодӣ ба зарурати таъмини рушди устувор, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ, рушди соҳаҳои саноат, энергетика, кишоварзӣ ва инфрасохтор таъкид менамоянд. Таваҷҷуҳи махсус ба истиқлолияти энергетикӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, рақамисозии иқтисод ва ташаккули иқтисоди рақобатпазир далели равшани равона будани сиёсати иқтисодии давлат ба ояндаи дарозмуддат мебошад.

Ҷанбаҳои иҷтимоии Паём аз арзишмандтарин қисматҳои он ба ҳисоб мераванд. Пешвои миллат рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави кориро ҳамчун вазифаҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян менамоянд. Таъкид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, тарбияи кадрҳои баландихтисос, рушди илм ва навоварӣ, инчунин дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон ва занон гувоҳӣ он аст, ки инсон ва неруи зеҳнии ӯ дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи марказӣ дорад.

Дар Паёми Президент масъалаи ҳифзи фарҳанг, таърих, забони давлатӣ ва арзишҳои миллӣ бо масъулияти баланди давлатӣ матраҳ мегардад. Пешвои миллат фарҳанг ва худшиносии миллиро омили муҳимми пойдории давлат ва таҳкими ваҳдати ҷомеа арзёбӣ намуда, ба тарбияи насли ҷавон дар руҳияи ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва ифтихор аз таърихи пурғановати миллат аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд. Ин равиш нишон медиҳад, ки рушди маънавӣ дар баробари пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шарти асосии ташаккули ҷомеаи солим ва устувор мебошад.

Ҳамзамон, Паём масъулияти мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як шаҳрванди кишварро дар татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ таъкид менамояд. Пешвои миллат бо руҳияи созанда ва таҳрикбахш ҷомеаро ба меҳнати софдилона, масъулияти шаҳрвандӣ ва саҳмгузории фаъол дар раванди ободии Ватан даъват менамоянд. Ин Паём ҳамчун санади роҳнамо мардумро муттаҳид сохта, бовару эътимод ба ояндаи дурахшони Тоҷикистонро тақвият мебахшад.

Дар маҷмуъ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи равшани сиёсати оқилона, дурбинӣ ва иродаи қавии роҳбарияти давлат дар роҳи бунёди ҷомеаи пешрафта, адолатпарвар ва устувор мебошад. Ин санади муҳим на танҳо барномаи амали мақомоти давлатӣ, балки манбаи илҳом, итминон ва раҳнамо барои тамоми мардуми кишвар аст, ки Тоҷикистон бо такя ба арзишҳои миллӣ, неруи зеҳнӣ ва ҳамбастагии ҷомеа роҳи рушди устувор ва ояндаи ободро бо эътимоди комил тай менамояд.

# ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ВА ТАЪСИРИ МУСБӢ ВА МАНФИИ ОН

**Иттилоот – маълумотест, ки шахс ё ҷомеа онро қабул карда, барои қабули қарор ё амал истифода мебарад. Масалан, дар ВАО, китобҳо, маълумоти интернетӣ ва таҷрибаи шахсӣ истифода бурда мешавад. Робитаи иттилоот бо ҷомеа дар он аст, ки иттилоот тараққиёти ҷомеаро метезонад ва ҷомеа бошад шакли паҳншавӣ ва истифодаи иттилоотро муайян мекунад. Ҷомеа ва иттилоот дар шаклгирии шахсият ва равишҳои иҷтимоӣ, дар якҷоягӣ нақши муҳимро доранд. Таъсири манфӣ ва мусбати онҳо дар шахсият ва муносибатҳои байнифардӣ метавонад гуногун бошад масалан, вобаста ба шеваи паҳншавии иттилоот ва иқтидори одамон барои таҳлил ва муносибат он. Қобилияти одамон барои дастрасӣ ба иттилоот тавассути ТИК, ки яке аз шартҳои муҳим барои иштироки онҳо дар ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Ин дорои инфрасохтори техникӣ, инчунин маълумот ва дониш дар бораи чӣ гуна самаранок истифода бурдани онҳоро дар бар мегирад.**



Саидова Нигора,
ассистенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ

Таъсири манфии иттилоот барои шахс.

1. Ҷомеа ва иттилоот метавонанд, барои васеъ гардонидани ҷаҳонбинии шахс кӯмак расонанд. Вале агар иттилоот манфӣ ё нодуруст бошад, метавонад як фаҳмиши нодурустро ба вуҷуд оварда тафаккури инсонро дигаргун созад.

2. Дар ҳолатҳои иттилооти манфӣ (масалан, таърифҳои гуногуни дурӯғин) шахс метавонад, хати дурусти воқеиятро гум кунад ва тасаввурот ё қарорҳои нодуруст қабул кунад.

3. Дар вақти паҳн шудани иттилооти манфӣ дар вақти васоити омма ё дар миёни мардум, метавонад эътимод ва душманӣ байни гурӯҳҳои иҷтимоиро ба вуҷуд орад.

Таъсири мусбии иттилоот барои шахс.

1. Иттилооти мусбӣ ва дуруст метавонад, дар шаклгирии арзишҳо, бовариҳо ва амалҳои дуруст кӯмак кунанд. Одамон метавонанд, аз иттилооти дуруст барои беҳтар кардани худ ва зиндагиашон истифода баранд ва ҷаҳони амиқтару бойтарро эҳсос кунанд.

2. Агар шахс ба иттилооти дурусту мусбат таъмин шавад, эҳсоси имконпазирӣ ва худогоҳӣ зиёд мешавад. Ин метавонад дар муносибатҳои шахсӣ, касбӣ ва ҷамъиятӣ ба таври умум таъсири мусбат гузорад.

3. Иттилооти мусбӣ метавонад хати асосии рушди иҷтимоии кишвар ва ё гурӯҳи иҷтимоӣ бошад. Масалан, пешниҳод кардани хабарҳои дуруст ва конструктивӣ метавонад муносибатҳо, ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангии ҷамъиятиро тақвият диҳад.

4. Иттилооти мусбат ва таълим на танҳо ба шахсият, балки ба тамоми ҷомеа манфиат меорад. Иттилооти дуруст ва мусбат дар бораи илм, технология ва инноватсия метавонад барои рушди умумии ҷомеа ва пешрафт мусоидат мекунад.

Дар натиҷа, таъсири манфӣ ва мусбии иттилоот ба шахсият ва ҷомеа доимо вуҷуд дорад. Дар вақти дуруст будани иттилоот, он метавонад ба шахсият ва ҷомеа фоида оварда, рушд ва ҳамбастагиро фароҳам орад. Аз тарафи дигар, иттилооти манфӣ ва дурӯғ метавонад зарарнок бошад, зеро он метавонад ба шахсият ва муносибатҳо таъсири манфӣ эҷод кунад. Иттилооти мусбӣ метавонад ба тағйирот ва ислоҳоти ҷомеа кумак кунад. Масалан, паҳн кардани дониш оиди ҳуқуқи инсон ё равандҳои сиёсӣ метавонад ба мардум кӯмак кунад, ки рафтори дурустро интихоб карда барои беҳбудии ҷомеа мубориза баранд. Дар соҳаи илму техника бошад, иттилооти мусбӣ метавонад роҳҳои нави ҳал кардани мушкилоти глобалӣ, мисли фақирӣ, хатарҳои экологӣ ва тавсеаи солимиро ба вуҷуд орад. Ва ҳамчунин иттилоот дар бораи технологияҳои нави барқ, мудҳо ва соҳаҳои савдои дуруст метавонад ба беҳтар кардани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон мусоидат кунад.

# АРҶГУЗОРӢ БА ХИЗМАТҲОИ ОМӮЗГОРОН ВА ҶОНФИДОЁНИ ВАТАН



**Бо мақсади дастгирии иҷтимоӣ ва арҷгузорӣ ба хизматҳои шоиста, Раёсати донишгоҳ ба аҳли оилаи 6 нафар омӯзгороне, ки дар соли 2025 аз олам даргузаштаанд, ба маблағи 5 000 сомонӣ кӯмаки якдафъаина расонид.**

Ҳамзамон, ба оилаҳои ҷонфидоёни Ватан – Наврӯзбеков Зиреҳбон ва Қурбонов Исматулло, ки ҷони худро ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ ва ҳифзи марзи Ватан нисор кардаанд, ба нишони эҳтиром ва қадрдонӣ 15 000 сомонӣ кӯмакпулӣ тақдим гардид.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дастгирии иҷтимоии кормандон ва аҳли оилаҳои онҳо дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Раёсати донишгоҳ қарор дорад.

## ВОХӮРИИ РАЁСАТ БО ДОНИШҶӮЁНИ СОЛИ АВВАЛИ ШУЪБАИ ҒОИБОНА



**16-уми январи соли 2026 дар толори калони фарҳангии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, тибқи нақша-чорабиниҳои қисми тарбия, вохӯрии Раёсати Донишгоҳ бо донишҷӯёни соли аввали шуъбаи ғоибонаи як қатор факултетҳо баргузор гардид.**

Дар вохӯрӣ донишҷӯёни факултетҳои забон ва адабиёти рус, технология, забони англисӣ ва забонҳои Шарқ, филологияи тоҷик, таърих ва ҳуқуқ, физика ва психология иштирок намуданд. Ҳадафи асосии чорабинӣ шиносоии донишҷӯёни нав бо роҳбарияти донишгоҳ, муаррифии оиннома, низомнома ва дастурамалҳои дохилӣ, аз ҷумла қоидаҳои тавсиявии сару либос ва риояи одоби шаҳрнишинӣ, инчунин баланд бардоштани худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ арзёбӣ гардид.

Зимни суҳбат намояндагони Раёсати Донишгоҳ таъкид карданд, ки чунин вохӯриҳо ба таҳкими маърифати шаҳрвандӣ, ҳисси ватандорӣ ва масъулиятшиносии ҷавонон мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, ба масъалаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгарой, бегонапарастӣ ва хурофотпарастӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

# ОҒОЗИ РАСМИЁТИ БАҚАЙДГИРИИ ДОНИШГОҲ ДАР SCOPUS ELSEVIER

**29 январи соли 2026 воҳиди масъули Institutional Correction Team-и Scopus-Elsevier ба донишгоҳ хабарномаи расмӣ ирсол намуд. Тибқи он, раванди бақайдгирии донишгоҳ ҳамчун муассисаи илмӣ дар низоми Scopus-Elsevier расман оғоз гардида, айни замон дар марҳилаи баррасии маъмурӣ қарор дорад.**

Қарор аст дар давоми чор ҳафтаиояндаи корӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод шаванд. Дар ҳамин марҳила масъалаи бақайдгирӣ баррасӣ мегардад, аммо раванд ҳанӯз ба таври ниҳоӣ анҷом наёфтааст.

Ин иқдом барои олимон ва муҳаққиқон имконият фароҳам меорад, ки мансубияти институтионалии худро дар мақолаҳои илмӣ ба таври дуруст нишон диҳанд, натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар маҷаллаҳои байналмилалӣ нашр намоянд ва нишондиҳандаҳои иқтибосшавӣ ва намоёнии илмии худро баланд бардоранд. Ҳамзамон, ин раванд ба болоравии эътибори илмии донишгоҳ ва муаррифии илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

Раёсати донишгоҳ ҳамзамон тадбирҳо меандешад, то маҷаллаҳои илмии муассиса мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ омода гардида, дар оянда барои шомил шудан ба рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи Scopus-Elsevier пешниҳод карда шаванд.

# ТОЗАНАШР: «ФАРҲАНГИ ҲАМГУНҲОИ ШЕВАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

**Бо мақсади иҷрои дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати гирдоварӣ ва омӯзиши калимаю истилоҳоти шеваҳои забони тоҷикӣ китоби нави илмӣ-таҳқиқотӣ таҳти унвони «Фарҳанги ҳамгунҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» аз ҷониби муҳаққиқон С. Раҳматуллозода ва Р. Холназариён таҳия ва ба нашр расид.**

Дар суханрониҳо ва санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020–2030» ба масъалаи омӯзиш ва ҳифзи ганҷинаи луғавии шеваҳои тоҷикӣ аҳаммияти махсус дода шудааст. Дар ҳамин замина таҳияи фарҳанги мазкур иқдоми муҳим дар роҳи омӯзиши лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ арзёбӣ мегардад.

Фарҳанги номбурда беш аз 2300 калимаи ҳамгуни шеваи ҷанубии забони тоҷикиро дар бар гирифта, барои забоншиносон, омӯзгорон, донишҷӯён ва кулли ҳаводорони забон манбаи арзишманди илмӣ ба ҳисоб меравад. Муаллифон дар сарсухани китоб таъкид намудаанд, ки гарчанде то имрӯз доир ба шеваҳои забони тоҷикӣ асару мақолаҳои зиёд ба табъ расидаанд, омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо ҳанӯз анҷом наёфта, таҳқиқоти навро талаб мекунад.

Дар китоб калимаҳои ҳамгун ҳамчун воҳидҳое муаррифӣ шудаанд, ки аз ҷиҳати талаффуз ва сохт ба ҳам монанд буда, аммо маъноҳои гуногун доранд ва дар ғановати нутқ ва баёни андеша нақши муҳим мебозанд. Муаллифон роҳҳои пайдоиш ва инкишофи чунин калимаҳоро дар забони адабӣ ва гӯйишҳои маҳаллӣ мавриди таҳлил қарор додаанд.




Айни ҳол китоби «Фарҳанги ҳамгунҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон дастрас буда, хонандагон метавонанд аз он истифодаи илмӣ ва омӯзишӣ намоянд.



ОМӮЗГОРИ ҶАВОН

САРМУҲАРРИР: КЕНҶАЗОД ФАРИДУН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА: ИБОДУЛЛОЗОДА АҲЛИДДИН, АЙНУЛОЗОДА НАҲТУЛЛО, РАҶАБЗОДА СИРОҶИДДИН, ХОҶАЗОД САИДМУРОД, МАҲКАМОВ МАҲМАДҶОН

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.

Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.

Телефон: 224-55-06

Нашрия таҳти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Мазмун, мундариҷа ва аслияти мақолаҳо ба дӯши муаллифон мебошад.

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.